












# Стратегияи ҳамкорӣ бо Тоҷикистон барои солҳои

## 2020-2025

Аз ҷониби Шӯрои директорон санаи 26 феврали соли 2020 тасдиқ карда шудааст

European Bank
for Reconstruction and Development

PUBLIC

Тарҷумаи матни аслии ҳуҷҷат аз ҷониби БАТР танҳо бо мақсади қулай будани он барои хонанда пешниҳод карда шудааст. Дар ҳоле, ки БАТР чораҳои оқилонаро барои таъмини амиқию саҳеҳии тарҷума пеш гирифтааст, БАТР саҳеҳии тарҷумаро кафолат намедиҳад ва тасдиқ намекунад. Истифодаю такякунӣ ба чунин тарҷума дар асоси хатари худи хонанда амалӣ карда мешавад. Дар ягон ҳолат БАТР, кормандон ё намояндагони он дар назди хонанда ё ягон шахси дигар барои носаҳеҳӣ, хатогӣ, саҳв, хатзанӣ, камбудӣ ва/ё ягон тағйироти ягон мундариҷаи тарҷума, новобаста аз сабаб ё ягон зарари дар натиҷаи он ба амаломада, ҷавобгар намебошанд. Дар сурати ҷой доштани ягон тафовут ё ихтилоф байни матни англисӣ ва матни тарҷумашуда, матни англисӣ қувваи бартарӣ дорад.

# Мундариҷа ва луғати истилоҳҳо

## Мундариҷа


Мӯҳтавои мухтасар 3

Тоҷикистон – Тавсифи мухтасари БАТР 4

I. Татбиқи Стратегияи қаблӣ (2015-2019) 5

*Натиҷаҳои асосии гузариш* 5

*Мушкилиҳои татбиқсозӣ ва сабақҳои асосӣ* 7

II. Шароити иқтисодӣ 8

*Шароит ва дурнамои макроиқтисодӣ* 8

*Мушкилиҳои асосии гузариш* 9

III. Афзалиятҳои ҳукумат ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор 11

IV. Муайянсозии афзалиятҳои Стратегияи ҳамкории БАТР бо Тоҷикистон 12

V. Чорабиниҳо ва чорчӯбаи натиҷаҳо 13

VI. Харитабандии фаъолияти мутақобилаи пуррасозандаи шариконибайналхалқӣ дар самтҳои фаъолияти БАТР 16

VII. Хатарҳои татбиқсозӣ ва оқибатҳои экологию иҷтимоӣ 17

VIII. Баҳодиҳии маблағгузории муштараки донорон 18

Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ 19


## Луғати истилоҳҳои асосӣ

| | |
|---|---|
| **СФС** | Сармоягузорӣ ба фаъолияти солона |
| **МСХ** | Машварат ба соҳибкории хурд |
| **ТНМСФК** | Тафсири нишондиҳандаҳои муҳити соҳибкорӣ ва фаъолияти корхонаҳо |
| **СИИ** | Сохтмон-истифодабарӣ-интиқол |
| **КФ** | Кишвари фаъолият |
| **ИНИ** | Индекси нархҳои истеъмолӣ |
| **МИШ** | Масъулияти иҷтимоии ширкат |
| **БАТР** | Бонки аврупоии таҷдид ва рушд |
| **СЭ** | Самаранокии энергия |
| **Е5Р** | Самаранокии энергия |
| **БАС** | Бонки аврупоии сармоягузорӣ |
| **ТЧГ** | Таъсироти чашмдошт ба гузариш |
| **ИА** | Иттиҳоди Аврупо |
| **ЭИ** | Экологӣ ва иҷтимоӣ |
| **СМХ** | Сармоягузории мустақими хориҷӣ |
| **ММ** | Муассисаи молиявӣ |
| **НАШС** | Нақшаи амал оид ба шаҳри сабз |
| **ММИС** | Механизми маблағгузории иқтисоди сабз |
| **ГИС** | Гузариш ба иқтисоди сабз |
| **ГГХ** | Газҳои гулхонавӣ |
| **МДД** | Маҷмӯи даромади дохилӣ |
| **ҲТ** | Ҳукумати Тоҷикистон |
| **ЗАИҶ** | Занҷираи арзиши иловагии ҷаҳонӣ |
| **ГБМ** | Гигиена ва бехатарии меҳнат |
| **ШС** | Шӯрои сармоягузорӣ |
| **ССА** | Саноат, савдо ва агробизнес |
| **ММБ** | Муассисаи молиявии байналхалқӣ |
| **МОЛИ** | Механизми омодакунии лоиҳаи инфрасохторӣ |
| **АМ** | Асъори миллӣ |
| **БҚҚЛ** | Биржаи қоғазҳои қимматноки Лондон |
| **ҲХ** | Ҳамроҳшавӣ ва харидорӣ |
| **ИХ** | Истеҳсолот ва хизматрасонӣ |
| **СМХМ** | Соҳибкории микро, хурд ва миёна |
| **ММҒБ** | Муассисаи молиявии ғайрибонкӣ |
| **СММ** | Саҳми миллии муайяншаванда |
| **ҚҒФ** | Қарзҳои ғайрифаъол |
| **ММХ** | Муаасисаи молиявии хусусӣ |
| **СХҚБ** | Созишнома оид ба хариди қувва барқ |
| **ШДБХ** | Шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| **ИБХ** | Иштироки бахши хусусӣ |
| **ТСГ** | Таъсироти сандуқ ба гузариш |
| **МТХ** | Механизми тақсимоти хатарҳо |
| **ХМЭУ** | Хазинаи маблағгузории энергияи устувор |
| **БД** | Бонки давлатӣ |
| **КВД** | Корхонаи воҳиди давлатӣ |
| **ҲТ** | Ҳамкории техникӣ |
| **БМС** | Барномаи маблағгузории савдо |
| **БЗС** | Барномаи занон дар соҳибкорӣ |

# Мӯҳтавои мухтасар

European Bank
for Reconstruction and Development

Ӯҳдадории Тоҷикистон баҳри риоя ва татбиқи принсипҳое, ки дар моддаи 1-и Созишнома оид ба таъсисдиҳии Бонк пешбинӣ карда шудаанд, дар давраи Стратегияи қаблии ҳамкорӣ бо кишвар аз ҷониби сохторҳои байналхалқии дахлдор ба таври омехта баҳогузорӣ карда шуданд. Онҳо баъзе беҳтариҳоро дар чорчӯбаи қонунгузорӣ пазирой карда, дар баробари ин ташвишҳои худро вобаста ба қадамҳои пасрав (регрессивӣ) дар дигар самтҳо изҳор намуданд. Онҳо инчунин як қатор ташвишҳои худро доир ба татбиқи заминаи ҳуқуқӣ вобаста ба демократия ва ҳуқуқҳои инсон дар амалия изҳор карданд.

Аз давраи анҷомёбии ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997 то инҷониб Тоҷикистон ба суботи сиёсӣ ноил шуда, онро нигоҳ медорад, лекин то ҳол бо мушкилиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешавад. Новобаста аз ноустувории бахши бонкӣ ва зиёдшавии фишори молиявию буҷетӣ афзоиши воқеии ММД дар солҳои охир беш аз 7 фоизро ташкил дод. Имкониятҳои иқтисодии маҳдуд ба муҳоҷират ва такякунии ҳарҷӣ бештар ба интиқоли маблағҳо ҳамчун сарчашмаи даромад оварда расонд. Фазои сармоягузорӣ ва муҳити соҳибкорӣ мушкил боқӣ монда, новобаста аз кӯшишҳои ҳукумат баҳри ҳавасмандсозии соҳибкорӣ, мушкилиҳоро барои рушди соҳибкорӣ эҷод мекунанд. Иқтидор ва захираҳои маҳдуди сохторҳои ҳукуматӣ, сатҳи баланди бюрократия ва танзиму меъёрҳои пурбор монеаҳои асосии рушди бахши хусусӣ мебошанд. Волояти қонун ва низоми судӣ низ бояд инкишоф дода шаванд, то ин ки эҳтиёҷоти ҷомеаи соҳибкорӣ қонеъ карда шуда, ҳуқуқҳои сармоягузорон ҳифз карда шаванд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари аз ҳама осебпазир аз нуқтаи назари хатарҳои тағйирёбии иқлим дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Миёна арзёбӣ карда шудааст. Махсусан бахши кишоварзӣ бо эҳтимоли калон зери таъсироти сатҳи пасти боришот, хушкшавии захираҳои обӣ, сатҳи пасти ҷамъшавии барф дар пиряххои кӯҳӣ ва рӯйдодҳои боду ҳавоии шадиди тез-тез рухдиҳанд қарор хоҳад гирифт. Тоҷикистон инчунин дорои яке аз аҳолии ҷавонтарин дар байни кишварҳои фаъолияти БАТР буда, синну соли миёна ҳамагӣ 22 солро ташкил медиҳад ва дар кишвар нобаробарии гендерӣ ва митақавии назаррас мушоҳида карда мешавад.

Ҳамкории минтақавӣ барои рушди иқтисодии Тоҷикистон ниҳоят муҳим мебошад, чӣ аз лиҳози густариши савдо ва чӣ аз лиҳози таъмини бехатарии энергетикӣ. Беҳтаршавиҳои охир дар муносибатҳо бо Ӯзбекистон ба кушодашавии дубораи алоқаҳои роҳи оҳан, ҳавоӣ ва савдои энергия оварда расонд. Тоҷикистон инчунин сохтмони сарбанди Роғунро аз нав оғоз намуд, ки ин калонтарин сармоягузорӣ дар кишвар аз давраи ба даст овардани истиқлолият мебошад, ки тарҳи мазкур аҳамияти минтақавии назаррас дорад. Тағйиротҳои иқтисодии мусбӣ, аз он ҷумла муносибатҳо ва алоқамандии минтақавии беҳтар ба БАТР имкон медиҳад, ки дар фароҳамсозии шароит кӯмак карда, ислоҳотҳои иқтисодиро дастгирӣ намояд, то ин ки он аз кишвари дар даври аввали гузариш қарордошта, ки аз ҷониби донорон/грантҳо маблағгузорӣ кард мешавад, ба як иқтисоди рушдкунанда дар асоси бахши хусусии густаришёбанда мубаддал гардад.

Фаъолияти БАТР дар Тоҷикистон ҳамаи бахшҳоро дар ҳамаи минтақаҳо, аз он ҷумла энергетика, инфрасохтор, бахши молия, бахши корпоративӣ ва соҳибкории хурди миёнар (СХМ) фаро мегирад. Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар доираи 127 лоиҳа дар давоми давраи стратегияи қаблӣ 680 миллион евроро ташкил дод. Бонк ба масъалаҳои таъмини субот ва ташаккули дубораи боварӣ ба бахши бонкӣ, рушди корхонаҳои хусусӣ ва агробизнес, беҳтаркунии мавҷудият, эътимоднокӣ ва сифати хизматрасониҳои коммуналӣ ва баландбардории сифати таъминоти энергия, танзим ва самаранокии энергия таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Маблағгузории муштараки донорӣ ва ҳамкории қавӣ бо дигар ММБ барои фаъолияту ҳамкории бомуваффақият дар кишвар хеле муҳим мебошад.

БАТР мақсад дорад, ки иштироки худро тариқи идомаи маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва энергетикӣ, пешниҳоди дастгирии мустаҳкам ба бахши хусусӣ, алалхусус СХМ-и ба содирот нигаронидашуда ба таври бевосита ё тавассути бонкҳои тиҷоратии маҳаллӣ гастариш диҳад. Дар баробари маблағгузорӣ БАТР дастгирии ислоҳотҳоро тариқи ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат ва кор бо мизоҷон баҳри такмили фаъолияти молиявӣ ва амалиётии онҳо бо мақсади таҳкими бахши хусусии маҳаллӣ идома хоҳад дод.

Бонк дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2025 афзалиятҳои асосии зеринро пайгирӣ хоҳад кард:

- *Таҳкими рақобатпазирӣ ва беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ;*
- *Ҳавасмандсозии ҳамгироии минтақавӣ, ислоҳоти соҳаи энергетика ва алоқамандии инфрасохтор;*
- *Дастгирии дастрасии васеъ ба инфрасохтори беҳтар ва хизматрасониҳои соҳибкорӣ барои занон, ҷавонон ва минтақаҳои камрушдкарда.*

# Тоҷикистон- тавсифи мухтасари БАТР

European Bank
for Reconstruction and Development

**Фаъолияти сармоягузории БАТР дар Тоҷикистон** *(мувофиқи маълумотҳо аз декабри 2019)*

| | | | |
|---|---|---|---|
| Сандуқ | 390 млн. евро | Лоиҳаҳои фаъол | 73 |
| Ҳиссаи саҳмиявӣ | 4% | Дороиҳои гардишкунанда | 192 млн. евро |
| Ҳисса дар бахши хусусӣ[1] | 48% | Ҳаҷми умумии тозаи сармоягузориҳо | 690 млн. евро |

## СФС ва амалиётҳо




## Таркиби сандуқ




## Динамикаи сандуқ




## Норасоиҳои гузариш [2]




## Рақамҳо доир ба шароити Тоҷикистон

| | Тоҷикистон | Кишварҳои муқоисавӣ |
|---|---|---|
| Аҳолӣ (миллион)[3] | 9,1 | 6,4 (Қирғизистон)<br>32,7 (Ӯзбекистон)<br>9,5 (Беларус) |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (БҚХ, доллари ИМА)[3] | 3589 | 4056 (Қирғизистон)<br>8999 (Ӯзбекистон)<br>20643 (Беларус) |
| Индекси рақобатпазирии ҷаҳонӣ (ҲИЧ) | 104-ум аз 141 | 97 (Қирғизистон)<br>м. н. (Ӯзбекистон)<br>м. н. (Беларус) |
| Бекорӣ (%, тах. Ташкилоти байналхалқии меҳнат (ТБМ)) | 10,9 | 7,2 (Қирғизистон)<br>5,2 (Ӯзбекистон)<br>5,7 (Беларус) |
| Бекории ҷавонон (%, тах. ТБМ) | 20,6 | 15 (Қирғизистон)<br>9,7 (Ӯзбекистон)<br>9,8 (Беларус) |
| Иштироки қувваи кории занона (%, тах. ТБМ) | 28 | 48 (Қирғизистон)<br>53 (Ӯзбекистон)<br>58 (Беларус) |
| Шиддати истифодаи энергия (ХУИАЭ/ММД, ТЭН/ҳазор 2010 доллари ИМА)[5] | 0,34 | 0,61 (Қирғизистон)<br>0,6 (Ӯзбекистон)<br>0,42 (Беларус) |
| Шиддати партов/ММД (кгCO2/2010 доллари ИМА, БҚХ)[5] | 0,2 | 0,47 (Қирғизистон)<br>0,45 (Ӯзбекистон)<br>0,34 (Беларус) |

*[1] Ҳаҷми умумии сармоягузории Бонк: 5 соли мунтазами сандуқ. [2] Нигоҳ. EBRD Transition Report 2018-2019. [3] IMF WEO. [4] IEA.*

PUBLIC

# 1. Татбиқи стратегияи қаблӣ (2015-2019)

## *1.1. Натиҷаҳои асосии гузариш*

### Мувофиқасозии стратегӣ

Сармоягузорӣ ба фаъолияти солона (СФС)




**Ҳиссаи ГИС**: 51%

### Кӯмаки техникӣ ва грантҳо




### Таъсирот ба гузариш*




**ТЧГ**: 77
**ТСГ**: 95

### Афзалияти 1: Дастгирии густариши корхонаҳои хусусӣ, алалхусус СХМ ва кӯмак дар беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ

#### Машварат ба соҳибкории хурд




#### Натиҷаҳои асосии гузариш

- **Дастгирии молиявӣ ва машваратӣ барои густариши СМХМ ва ширкатҳои корпоративӣ**, аз он ҷумла тавассути сармоягузориҳои ҳадафнок, дар шароити мушкил, ки сустшавии рушди иқтисодӣ дар Русия, таҷдиди қарзи ҶДММ Фортуна (0,4 млн. доллари ИМА), қарзҳо ба Фортуна Мебел (0,4 млн. доллари ИМА) ва ҶДММ Атлант (1,5 млн. Долари ИМА) ва 2 лоиҳаҳои МТХ қайд карда шуд.
  - Дар доираи МСХ 200 субъектони СХМ дастгирӣ карда шуданд, аз ҷумла бо пешниҳоди 24 машваратҳои байнлахалқӣ.
  - Таҳкими дастрасӣ ба молия барои СМХМ тавассути пешниҳоди беш аз 1,1 миллиард евро тариқи хатҳои қарзӣ барои СМХМ, ки тавассути муассисаҳои молиявии миёнрав пешниҳод карда шуданд.
- **Дастгирии рушди бахши молиявӣ тавассути маҳсулоти гуногун ва такмили идоракунии корпоративии муассисаҳои молиявӣ:**
  - Ҳамкорӣ бо ММХ-и аз ҳама қавӣ бо дар назардошти хатарҳои афзуншаванда, пешниҳоди маҳсулоти гуногун барои СМХМ, соҳибкории аз ҷониби занон роҳбаришаванда, самаранокии энергия ва агробизнес.
  - Бо пешбарии идоракунии корпоративӣ ҳамбаста карда шуд, аз он ҷумла КТ оид ба таҷдиди сохтори 2 бонкҳои низомсоз (ТСБ ва АИБ).
  - Пешниҳоди маблағгузорӣ дар ҳаҷми 10 млн. долари ИМА ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди шарик дар доираи чорчӯбаи нави мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва самаранокии энергия (КлимАдапт)
  - Тамдид Барномаи таҳкими рақобатпазирии агробизнеси Тоҷикистон (ЕСТАР) барои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди (ТҚХ) шарик.
  - Шароитҳои бозорӣ то ҳол хатҳои БМС-ро дастгирӣ намекунанд ва то имрӯз танҳо як шарик мавҷуд аст.
  - Барномаи Занон дар соҳибкорӣ оғоз карда шуд (аз он ҷумла пешниҳоди қарз дар ҳаҷми 1 млн. доллари ИМА ба ташкилоти қарзи хурди пешбари кишвар Ҳумо бо мақсади дастгирии ин барнома).
- **Беҳтаркунии фазои соҳибкорӣ дар доираи Шӯрои сармоягузорӣ** бо таваҷҷӯҳ ба дастрасии беҳтар ба қувваи барқ, коҳишдиҳии шумораи санҷишҳо, ташаббусҳо оид ба равзанаи ягона, дастгирӣ барои занони соҳибкор ва ҳамкорӣ доир ба афзалиятҳои ислоҳот (масалан, бозори суғурта ё андозбандӣ) дастгирӣ карда шуд.

** Самаранокии таъсирот ба гузариш инъикосгари он аст, ки то чӣ андоза лоиҳаҳо ба таъсироти гузариш ноил гашта метавонанд, ки ҳангоми ба имзо раснидани лоиҳаҳо пешбинӣ карда шудааст. Дар асоси сандуқи фаъол (> 2 сол) ҳисоб карда мешавад.*

PUBLIC

# 1. Татбиқи стратегияи қаблӣ (2015-2019)

## *1.1. Натиҷаҳои асосии гузариш*

European Bank
for Reconstruction and Development

**Афзалияти 2: Мусоидат ба беҳтарсозии фаъолияти корхонаи коммуналӣ, аз он ҷумла баландбардории самаранокии амалиётӣ ва молиявии онҳо тавассути тиҷоратикунонӣ**

**Лоиҳаҳо оид ба хизматрасониҳои коммуналӣ**




**Натиҷаҳои асосии гузариш**

- **Таҷдиди сохтор ва ислоҳоти тарофаҳои бахши энергетика** тавассути ҳамкорӣ ва таҷдиди корпоративии ширкати миллии "Барқи Тоҷик" **фаъолона дастгирӣ карда шуд.** Ин ба натиҷаҳои зерин овард:
  - o Тақсимоти Барқи Тоҷик ба 3 воҳиди алоҳида оид ба истеҳсол, интиқол ва тақсимот (қарор аз моҳи апрели 2018), лекин ҳоло бояд сохтори ҳуқуқӣ ва таҷдиди минбаъда қабул карда шавад.
  - o Қабули Нақшаи амали солимгардонии молиявӣ (июни 2017) бо таваҷҷӯҳ ба рӯйпӯшкунии хароҷот ва коҳишдиҳии талафот: методологияи нави тарофаҳо аз ҷониби мақомот қабул карда шуд ва вазифаҳои танзими бахш ба доираи фаъолияти Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ ворид карда хоҳад шуд.
- **Дастгирии баландбардории иқтидори НОБ ва коҳишдиҳии талафоти энергия** (тахминан ба 20%) дар доираи лоиҳаҳи Таҷдиди НОБ Қайроққум (дар якҷоягӣ бо ХИС) ва лоиҳаи Суғд (аз он ҷумла низоми нави биллингӣ ва ҳисобкунии пешрафта).
- Кӯмак дар беҳтаркунии **устувории молиявӣ ва амалиётии операторони инфрасохтори шаҳрӣ**, идоракунии партовҳои сахти маишӣ (Ёвон, Хуҷанд) ва операторони нақлиёти ҷамъиятӣ (Хатлон) тавассути сармоягузориҳои бевосита ва КТ доир ба муосиркунонӣ/тарҳкашӣ/гузаронидани тендер, идоракунии корпоративӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор.
- **Дастгирии ислоҳоти бахши об дар доираи Стратегияи нави бахш ва Нақшаи амал** бо мақсади беҳтарсозии устувории молиявӣ ва амалиётии операторон, аз он ҷумла ғайримарказикунонӣ ва ташаккули иқтидор дар сатҳи маҳал. Методологияи нави тарофаҳои об/корез (дар асосии рӯйпӯшкунии хароҷот ва барҳамдиҳии кӯмакпулиҳои доихилисоҳавӣ) бо баррасии дурнамоии таҷдиди ХМК соли 2017 қабул гардид .

**Афзалияти 3: Мусоидат ба алоқамандии инфрасохтори минтақавӣ ва ҳамгирой ба иқтисодиёти минтақавии васеътар**

**Барномаи мусоидат ба савдо**




**Натиҷаҳои асосии гузариш**

- **Пешравии ниҳоят зарур дар ҷалби СМХ (беш аз 88 млн. Евро) ва ҳавасмандсозии каналҳои содирот** дар шароити мушкили фаъолият барои ширкатҳои ба шсодирот нигаронидашуда **ба даст оварда шуд**, масалан, лоиҳаи Агротехсервис ба интиқоли нававариҳои Белорус ба фаъолияти ширкати тоҷик мусоидат мекунад.
  - o Кӯмак дар ҳалли бомуваффақияти мушкилиҳои амалиётие (масалан, андозӣ ва гумрукӣ), ки ба ду мизоҷони номдор (Кока Кола Тоҷикистон ва Ашан) таъсири манфӣ мерасонд, ки он як таъсироти намунавӣ ба субъектони бозор дошт.
  - o Пешниҳоди қарз дар ҳаҷми 44,7 млн. евро ба ширкати Кока Кола Нӯшокиҳои Тоҷикистон барои таҳкими алоқамандии занҷираи арзиши иловагӣ.
  - o Ифтитоҳи Котиботи ШС барои ҷонибҳои манфиатдори нав бо мақсади таҳкими муколама ва ҳамоҳангсозӣ.
- **Дастгирии рушди инфрасохтори ҷисмонии асосӣ (масалан, роҳҳо) бо мақсади алоқамандсозӣ**, бо таваҷҷӯҳи афзалиятнок ба ислоҳоти ҳуқуқӣ/танзимсозӣ ва баландбардории иқтидори инфраохтори нақлиётии фаромарзӣ:
  - o Маблағгузории муштараки лоиҳаи шоҳроҳи Душанбе-Сарҳади Ӯзбекистон (26 млн. евро) дар якҷоягӣ бо Бонкии осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ (БОСИ) бо ҷоринамоиии стандартҳои байналхалқии бехатарии роҳ ва принсипҳои нигоҳубини техникии роҳҳо.
  - o Бо истифодаи маблағҳои КТ дар ҳамоҳангсозӣ бо ММБ ва шарикони рушд (масалан, Бонки осиёгии рушд (БОР), Бонки ҷаҳонӣ (БҶ), Агентии ҷопон оид ба ҳамкории байналхалқ (АҶҲБ)) Стратегияи ислоҳоти иститутсионалии бахши роҳҳо ва Нақшаи амал таҳия карда шуданд.
  - o Татбиқи ислоҳоти бахши роҳҳо (ҷорисозии созишномаҳо оид ба хизматрасонӣ/шартномаҳо дар асоси натиҷаҳо ба операторони хусусӣ супорида шуданд, марказҳои таҷҳизот, низомҳои технологияи иттилоотӣ барои идоракунии роҳҳо) дастгирӣ карда шуд.
  - o Ҳукумати ҶТ буҷетро барои нигоҳдории роҳҳо то ба 6000 сомонӣ/км зиёд гардонд.

# 1. Татбиқи стратегияи қаблӣ (2015-2019)

*1.2. Мушкилиҳои татбиқсозӣ ва сабақҳои асосӣ*

European Bank
for Reconstruction and Development

## Шароити татбиқсозӣ

Тоҷикистон дар марҳилаи хеле барвақти гузариш қарор дошта, баъзе аз норасоиҳои калонтаринро дар минтақаи БАТР намоиш медиҳад, алалхусус ин дар сифатҳои рақобатпазирӣ, идоракунии дахлдор, устуворӣ (тобоварӣ) ва ҳамгирой сахт ба назар мерасад. Таъминоти ноустувори энергия, заифии бахши бонкӣ, инфрасохтори заиф ва изолятсияи ҷуғрофии нисбӣ ва инчунин осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим ва норасоиҳои фарогирӣ ҳама монеаҳои асосӣ барои рушди иқтисодӣ мебошанд. Дар давоми панҷ соли охир Бонк таъсироти хуберо ба гузариш бо дар назардошти ҳиссаи хусусии паст таъмин сохт, ки ин ҳолат натиҷаи вазни нисбии лоиҳаҳои энергетикӣ ва инфрасохторӣ дар ҳаҷми сандуқ ва соҳибкорӣ мебошад, ки он аз нишондоди максималии таърихие камтар мебошад, ки дар соли 2015 ба даст оварда шуда буд.

| Мушкилиҳои татбиқсозӣ | Сабақҳои асосӣ ва қадамҳои навбатӣ |
|---|---|
| • Осебпазириҳои бахши молиявӣ, аз он ҷумла масъалаҳои пардохтпазирии бонкҳои низомсоз ва таносуби баланди ҚҒФ, новобаста аз сатҳи нисбатан баланди захираҳо. | • Идома додани кор бо Бонки миллӣ доир ба беҳтарсозии дастрасӣ ба асъори хориҷӣ ва пайгирии ислоҳоти бахши молиявӣ. |
| • Гирифторшавӣ ба хатарҳои макроиқтисодӣ ва геополитикии беруна. | • Дастгирии таблиғоту ташвиқоти Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷолиб барои сармоягузорӣ бо назардошти беҳтаршавии вазъи бехатарӣ (масалан, Афғонистон), ҳамкории минтақавии бештар ва бартариҳои қавии соҳавӣ (агробизнес, энергетика). |
| • Муҳити соҳибкории мушкил, набудани ислоҳоти идоракунӣ, ташвишҳо вобаста ба татбиқи волоияти қонун ва низоми судӣ ва назорати сахти сармоя. | • Ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат дар атрофи ислоҳотҳои асосии фазои сармоягузорӣ, бо такя ба ӯҳдадориҳои ҳукумат баҳри таъмини дастрасии устувор ба асъори хориҷӣ ва беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ, аз он ҷумла ташаккули иқтидори низоми судӣ ва дастгирӣ барои ҳалли баҳсҳои соҳибкорӣ. |
| • Маҳдудиятҳои имкониятҳои буҷетӣ. | • Пайгирии ташвиқоту таблиғоти ислоҳот бо мақсади дастгирии тиҷоратикунонии бештари КВД-ҳо ва иштироки бахши хусусӣ дар инфрасохтори асосӣ (масалан, захираҳои энергетикии барқароршаванда, энергетика, нақлиёт ва об). |
| • Изолятсияи ҷуғрофии нисбӣ ва дастрасии мушкил ба бозорҳои содиротӣ (масалан, қувваи барқ) дар натиҷаи шиддати таърихӣ бо кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон. | • Истифода аз беҳтаршавии муносибатҳо бо кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон бо мақсади ташвиқоту тарғиботи масъалаи алоқамандии минтақавӣ. |

# 2. Шароити иқтисодӣ

## *2.1 . Шароит ва дурнамои макроиқтисодӣ барои давраи Стратегия*

European Bank
for Reconstruction and Development

**Тоҷикистон – Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии асосӣ**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019* |
|---|---|---|---|---|---|
| Афзоиши ММД (% аз сол ба сол) | 6,0 | 6,9 | 7,1 | 7,0 | 7,5 |
| Таваррум бо назардошти ИНИ (% миёна) | 5,8 | 5,9 | 7,3 | 3,8 | 7,8. |
| Буҷети давлатӣ (% ММД) | --2,0 | -9,0 | -6,0 | -4,8 | -3,8 |
| Тавозуни пардохт (% ММД) | -6,0 | -5,2 | 2,1 | -5,3 | -4,5 |
| СМХ-и тоза (%-и ММД) | 5,8 | 3,5 | 2,6 | 2,9 | 2,4 |
| Қарзи беруна (% ММД) | 62 | 70 | 79 | 80 | 81 |
| Ҳаҷми умумии захираҳо (% ММД) | 6,3 | 9,4 | 14,4 | 14,6 | д.н. |
| Ҳаҷми умумии қарзи давлатӣ (% ММД) | 33,2 | 42,1 | 50,4 | 47,9 | 45,2 |
| Бекорӣ (%) | 11,4 | 11,0 | 10,7 | 10,9 | д.н. |
| ММД-и номиналӣ (млрд. доллари ИМА) | 7,9 | 7,0 | 7,1 | 7,5 | 8,0 |

- **Рушди расман гузоришдодашуда қавӣ мебошад, лекин заифии назаррас боқӣ мемонад.** Афзоиши воқеии ММД дар солҳои 2017-19 беш аз 7 фоизро ташкил дод. Лекин рақамҳои сарлавҳагӣ афзоиши номураттабии сохториеро рӯйпӯш мекунад, ки дар заифии бахши бонкӣ ва баландшавии фишори буҷетӣ инъикос гардидааст. Фишорҳои демографӣ дар якҷоягӣ бо имкониятҳои иқтисодии маҳдуд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва такякунии бардавом ба интиқоли маблағҳо ҳамчун сарчашмаи даромад оварда расондааст.
- **Бо воридшавии маҳдуди асъори хориҷӣ рӯ ба рӯ гашта, мақомот чораҳои назорати асъорро бо мақсади маҳдудсозии беқурбшавии сомонӣ нигоҳ медорад,** ба монанди коҳишдиҳии ҳаҷми асъори миллӣ дар гардиш ва манъкунии фаъолияти нуқтаҳои ғайрибонкии мустақили мубодилаи асъор. Дар натиҷаи сиёсати мазкур субъектҳои соҳибкорӣ ва хонаводаҳо давра ба давра бо норасоии асъори хориҷӣ рӯ ба рӯ мешаванд.
- **Сатҳои баланди қарз ва имкониятҳои буҷетии маҳдуд иқтисодиётро осебпазир мегардонанд.** Қарзи давлатӣ, ки аксари он бо асъори хориҷӣ мебошад, назаррас боқӣ монда 45,2 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад ва дар назар аст, ки он аз сабаби зарурати маблағгузории лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ, ба монанди нерӯгоҳи Роғун, зиёд мегардад. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ инчунин аз сабаби талафотҳо ва ӯҳдадориҳои афзоянда хатарҳои квазифискалии баландро пеш меоранд.
- **Афзоиши воқеии ММД дар соли 2020 дар сатҳи 6,3% пешгӯӣ карда шудааст.** Сармоягузории давлатӣ афзоишро дар вақтҳои охир дастгирӣ мекард, лекин нақши он аз сабаби мушкилиҳои пулию буҷавии нисбӣ коҳиш хоҳад ёфт. Рушди оянда эҳтимолан дар асоси истеъмолоти аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирон маблағгузоришаванда хоҳад буд, ки ин сарчашмаи осебпазирӣ мебошад.

# 2. Шароити иқтисодӣ

## *2.2. Мушкилиҳои асосии гузариш*

### Рақобатпазир (3,3)

- Тоҷикистон дар ҳисоботи **“Осонии пешбурди соҳибкорӣ”** дар соли 2020 мақоми 106-умро аз 190 кишварҳо соҳиб гардид (20 сатр боло аз мақоми 126-ум дар соли 2019).
- **Сарбории андоз** аз сабаби таҷрибаҳои нодурусти ҷамъоварии андоз, ки бо мақсади иҷрои қисми даромади буҷет истифода карда мешавад, **баланд боқӣ мемонад.**
- **Камбудиҳои танзимнамоӣ ва ғасби муташаккили моликият** ба фаъолияти субъектони СХМ монеагӣ мекунанд.
- Субъектони СХМ инчунин бо мушкилиҳо дар **дастрасӣ ба кормандони** дорои малакаву салоҳиятҳои муносиб рӯ ба рӯ мешаванд.
- Маълум мегардад, ки сатҳи баланди фоизҳо, талаботи гарав ва масъалаҳои васеи фазои сармоягузорӣ барои **дастрасӣ бо молия** монеа эҷод мекунанд. Сарчашмаҳои алтернативии сармоя амалан мавҷуд нестанд**.**
- **Диверсификатсияи маҳдуди молҳои содиротшаванда** (асосан металлҳо, канданиҳои фоиданок ва нахи пахта) ҷой дорад ва ин бо **сатҳи пасти мураккабият тавсиф карда мешавад**.

### Хубидорашаванда (3,6)

- **Самаранокии ҳукумат заиф боқӣ мемонад.** Иқтидор ва захираҳои маҳдуди мақомоти давлатӣ, сатҳи баланди бюрократия ва танзимнамоии пурбор монеаҳои асосии рушди бахши хусусӣ мебошанд.
- **Чорчӯбаи танзимӣ ва институтсионалие, ки идоракунии корпоративии хубро дастгирӣ мекунад, рушднаёфта мебошад.** Тарафҳои заиф дар сохтор ва фаъолияти шӯроҳо, сифати назорати дохилӣ ва стандартҳои ошкорсозии маълумот ҷой доранд.
- **Пешравӣ дар ҳалли коррупсия маҳдуд мебошад.** Кӯшишҳо оид ба мубориза бо коррупсия дар доираи стратегияи зиддикоррупсионӣ барои солҳои 2013-2020 роҳнамоӣ карда мешаванд, лекин татбиқнамоӣ кафо монда истодааст.
- **Мавҷудияти бахши ғайрирасмӣ** инчунин ба пешбурди соҳибкорӣ таъсир мерасонад**.**
- **Волоияти заифи қонун ва набудани чорчӯбаи самаранок барои зери баҳс қарор додани қоидаву танзимот** то ҳол ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ монеагӣ мекунад**.**

### Сабз (4,8)

- **Қувваи барқ, ки қариб пурра аз гидроэнергетикаи аз пиряххо сарчашмагиранда истеҳсол мешавад,** бо тағйирёбии мавсимӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки ин ба норасоии қувваи барқ дар фасли зимистон оварда мерасонад**.**
- Кишвар танҳо то **10 фоизи иқтидори гидроэнергетикии худро истифода мебарад ва дорои иқтидори офтобии истифоданашудаи назаррас мебошад.**
- Қариб **80% иншоотҳои истеҳсол ва интиқоли барқ бояд иваз карда шавад,** зеро онҳо дар солҳои 1960 ва 1970 тарҳрезӣ ва сохта шудаанд.
- **Нақлиёти роҳӣ** беш аз нисфи партовҳои CO2-ро дар кишвар ба миён меорад ва **сабаби асосии сифати пасти ҳаво мебошад**.
- Тоҷикистон **аз лиҳози хатарҳои тағйирёбии оянда иқлим кишвари аз ҳама осебпазир** дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Миёна арзёбӣ карда шудааст. Махсусан бахши кишоварзӣ эҳтимолан зери таъсири манфии сатҳи пасти боришот, хушкшавии захираҳои обӣ, ҷамъшавии ками барф дар пиряххои кӯҳӣ ва рӯйдодҳои бодуҳавоии шадиди тез-тез рухдиҳанда қарор мегирад.

**Раддабандии мураккабияти иқтисодӣ**




**Холҳои Индекси дарки коррупсия, 2019**




**Партови гази карбон аз ҷониби бахшҳо дар соли 2016**




*Сарчашма: Harvard Atlas of Economic Complexity, Transparency International, IEA 2017*

PUBLIC

# 2. Шароити иқтисодӣ

## *2.2. Мушкилиҳои асосии гузариш*

| Фарогир (5.0) | Устувор (3.7) | Ҳамгироишуда (3.5) |
| --- | --- | --- |

**Фарогир (5.0)**

- **Норасоии гендерӣ дар бозори меҳнат назаррас аст.** Занон ҳамагӣ 14,8% вазифаҳои роҳбарӣ ва танҳо 12% шумораи умумии кордиҳандагонро ташкил медиҳанд. Эҳтимоли иштироки занон низ дар қувваи корӣ назар ба мардон 38,0% камтар аст.
- **Занон дорои сатҳи миёнаи фарогирии молиявӣ буда,** 42,1 фоизи онҳо дорои суратҳисоби расмӣ мебошанд.
- **Норасоӣ байни шуғли ҷавонон ва калонсолон нисбатан баланд мебошад,** лекин он мувофиқи нишондиҳандаи миёнаи минтақавӣ буда, назар ба нишондиҳандаи миёнаи васеъи БАТР то андозае мусбӣ мебошад.
- Тоҷикистон **яке аз кишварҳои ҷавонтаринест, ки БАТР дар он фаъолият дорад,** синну соли миёна ҳамагӣ 22 солро ташкил медиҳад ва таносуби вобастагии ҷавонон нисбатан баланд буда, 58%-ро ташкил медиҳад.
- **Нобаробарии минтақавии калон дар дастрасӣ ба об ва** низомҳои **тандурустӣ ва таҳсилотӣ сифатнок ҷой дорад.**
- Имкониятҳои иқтисодӣ барои шахсони маъюбиятдошта махсусан маҳдуд боқӣ мемонанд.

**Устувор (3.7)**

- Дар ҳоле, ки сармояи бахши бонкӣ пурра карда шуд, **батанзимдарорӣ ва таҷдиди давомноки сохтори бонкҳои низомсоз** то ҳол ба рушди бахши мазкур монеагӣ мекунад.
- Осебпазириҳои дигар боқӣ мемонанд, аз он ҷумла аз сабаби **сатҳи баланди долларнокии тавозунҳо,** ки бонкҳоро ба хатарҳои қарзии эҳтимолӣ, ки бо асъори хориҷӣ алоқаманданд, гирифтор мекунад.
- Бахш гирифтори таъсири **сифати пасти дороиҳо** мебошад, ки асосан дар бонкҳои пардохтнопазир ҷамъ шудаанд, сатҳи ҚҒФ баланд боқӣ монда, дар моҳи декабри соли 2019 30.4 фоизро ташкил дод.
- **Камбудиҳо дар назорати бонкӣ ва чорчӯбаи ҳуқуқӣ** боқӣ мемонанд, лекин кӯшишҳо барои ҳалли онҳо амалӣ шуда истодаанд.
- Низоми таъминоти қувваи барқ аз сабаби **тарофаҳои паст, ҷамъоварии пасти маблағ ва қарзҳои дебитории** истеъмолкунандагони асосӣ гирифтори мушкилиҳои молиявӣ мебошад. Талафоти иқтисодӣ аз энергия қариб 200 миллион доллари ИМА ё 3 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад.
- Бахши энергетика **бо норасоиҳои сармоягузорӣ, танзимӣ ва институтсионалӣ рӯ ба рӯ мешавад.**

**Ҳамгироишуда (3.5)**

- Дар ҳоле ки самаранокии Тоҷикистон аз лиҳози СМХ ва воридоти сармоягузориҳои сандуқӣ нисбатан беҳтар аст, **самаранокии он аз лиҳози раванди савдо дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои миёнаи минтақавӣ бад мебошад.** Содирот ва воридоти молу хизматрасониҳо ҳамчун ҳиссаи ММД дар 10 соли охир коҳиш ёфтааст.
- **Шабакаи нақлиётӣ маҳдуд мебошад,** ин инчунин аз сабаби ландшафти ҷуғрофӣ, сифат ва иқтидори он аст, ки дастрасиро ба бозор маҳдуд месозад. Қисми зиёди инфрасохтори нақлиётӣ кӯҳна шудааст.
- **Самаранокии логистикӣ хеле паст арзёбӣ карда мешавад.** Набудани парки муосир, иншоотҳо ва таъминкунандагони хизматрасониҳои логистикии сифатнок барои соҳибкорӣ монеагӣ эҷод мекунанд. **Арзиши савдои байналхалқӣ** (марбут ба мӯҳлат ва арзиш) аз **қабили баландтарин** дар минтақаи БАТР мебошад.
- Махсусан мӯҳлати **ба даст овардани пайвастшавии доимӣ ба шабакаи таъминоти барқ барои субъектони соҳибкорӣ хеле дароз мебошад.**
- **Инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) қафо мондааст.**

### Доштани суратҳисоб, занон, 2017




### Сатҳи долларнокии қарзҳо ва пасандозҳо




### Содирот ва воридот, %-и ММД




*Сарчашма: World Bank's Global Financial Inclusion Database, National Bank of Tajikistan, World Bank's World Development Indicators*

PUBLIC

# 3. Афзалиятҳои ҳукумат ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор

European Bank
for Reconstruction and Development

## 3.1. Афзалиятҳои ҳукумат доир ба ислоҳот

Чӣ тавре, ки дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030 муайян карда шудааст.

- Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, савдои байналхалқӣ ва ҷорикунии стандартҳои байналхалқии сифат ва бехатарии маҳсулот;

- Ҷалбнамоии мақсадноки кӯмаки беруна барои ҳалли афзалиятҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ тавассути истифодаи бештар ва беҳтари низоми иттилоотии идоракунии кӯмаки беруна;

- Рушди соҳибкорӣ бо дар назардошти ҷанбаи гендерӣ, сармоягузорӣ ва содирот;

- Такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади соддагардонии маъмурикунонии андоз ва пасткунии сарбории андозӣ барои субъектони соҳибкорӣ; Ҷорикунии нақшаи мӯҳлатноки пардохти ААИ барои техника ва таҷҳизоти технологӣ, тавсеаи назарраси номгӯи молҳои саноатӣ, ки аз ААИ озод карда шудаанд;

- Таҳияи низоми институтсионалии бисёрсатҳа барои дастгирии соҳибкорӣ аз ҷониби кластерҳои минтақавию соҳавӣ бо мақсади рушди соҳибкорӣ, хазинаҳо ва дастгирии махсус барои таъсиси ташкилотҳои инфрасохторӣ;

- Татбиқи сиёсати ҳавсамандгардонии сармоягузори мустақими хориҷӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосӣ барои рушди саноатию нававаронаи иқтисодиёт;

- Такмили ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон, ҳам дар сатҳи судӣ ва ҳам тавассути ташкили Институти ваколатдор (омбудсмен);

- Татбиқи пайвастаи сиёсат оид ба пасткунии сарбории маъмурӣ дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳияи низоми дастгирии маъмурӣ барои лоиҳаҳои сармоягузории миёна ва калони бахши хусусӣ (принсипҳои “равзанаи ягона”);

- Рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва минтақаҳои кӯҳӣ тавассути истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди ҳамгироишудаи маҳсулоти кишоварзӣ;

- Ташкил ва рушди бозори қомили қоғазҳои қимматнок;

- Такмили санадаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қоидаҳо оид ба рушди соҳибкории барои муҳити зист мусоид ва сармоягузориҳои экологӣ;

- Такмил ва таҳкими Институти идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ;

## 3.2. Самтҳои ислоҳоти аз ҷониби БАТР дастгиришаванда, ки ба таври умумӣ бо мақомотҳои давлатӣ мувофиқа карда шудаанд

- Таҳкими рақобатпазирии ширкатҳои дохилӣ, алалхусус корхонаҳои ба содирот равонакардашуда тавассути ташаккули иқтидор, кӯмаки техникӣ ва молия;
- Ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат ва таҳкими институтсионалӣ бо мақсади беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва муҳити соҳибкорӣ;
- Баландбардории иқтидор ва самаранокии интиқоли қувваи барқ барои ҳамгироии минтақавии бештар;
- Беҳтарсозии алоқамандии маҳаллӣ ва минтақавӣ тавассути барқарорсозӣ, хизматрасонии техникӣ ва васеъсозии шабакаҳои асоси роҳҳо ва роҳи оҳан;
- Кӯмак дар мустаҳкамсозии инфрасохтори рақамӣ ва молиявӣ ва фарогирии бештари занон ва ҷавонон;
- Дастгирии бардавом барои таҳқиқи имкониятҳо баҳри шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

## 3.3. Паёмҳои асосӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ба БАТР

- Сатҳи баланди муҳоҷират ва зарурати ташкили ҷойҳои кории нав барои ҷавонон ва аҳолии афзоишёбанда масъалаҳои аз ҳама мубраму ҳалталаб мебошанд.
- Дар муҳити иқтисодии кунунӣ соҳибкории хурду миёна махсусан осебпазир мебошад. Дастгирии бонк барои гуногунсозии иқтисодӣ ва СХМ пазироӣ карда мешавад.
- Механизмҳои институтсионалии иловагӣ барои таъмини баробарии гендарӣ ва фарогирии иқтисодию иҷтимоӣ зарур мебошанд. Таваҷҷӯҳи бештар ба рушди минтақавӣ ва бартарафсозии норасогиҳо дар фарқиятҳои минтақавӣ инчунин муҳим мебошанд.
- Мушкилиҳои экологии асосӣ дастраси ба энергия, камбизоатии энергетикӣ, алоқамандии минтақавӣ ва истеъмоли устуворро дар бар мегиранд. Таваҷҷӯҳи бештар ба сарчашмаҳои барқароршаванда (масалан, қувваи шамол, гидроэнергетикӣ ва офтобӣ), дастгирӣ барои чорҷӯбаи танзими энергетикӣ ва самтгирии стратегӣ зарур мебошад. Идоракунии об ва партов инчунин мушкилии назаррас боқӣ мемонад.
- Кафолатҳои экологӣ ва иҷтимоии қавӣ хеле муҳим боқӣ мемонанд, махсусан барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар минтақаҳои дурдаст, ки онҳо аз баландбардории маълумотнокӣ нафъ хоҳанд гирифт.

# 4. Муайянсозии афзалиятҳои Стратегияи ҳамкории БАТР бо Тоҷикистон

European Bank
for Reconstruction and Development

| Чӣ бояд тағйир дода шавад? (Ташхиси кишвар) | Оё онро тағйир додан мумкин аст? (Иқтисодиёти сиёсӣ) | Бонк чӣ кор карда метавонад? (Қобилиятҳои институтсионалӣ) | Афзалиятҳои стратегӣ *(2020-2025)* | Мо чиро дидан мехоҳем (Ҳадафҳои асосӣ) |
|---|---|---|---|---|
| • Маҳсулнокӣ ва рақобатнокии Тоҷикистон паст боқӣ мемонад.<br>• 90% энергияи Тоҷикистон аз гидроэнергетикаи аз пиряххо сарчашмагиранда истеҳсол мешава, ки он зери таъсири тағйирёбии иқлим қарор дорад.<br>• Муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ мушкил боқӣ мемонад, аз он ҷумла набудани низоми судии мустақили хубмаблағгузоришаванда.<br>• Дастрасӣ ба молия, алалхусус барои бахши хусусӣ, СХМ мушкил мебошад, махсусан аз сарчашмаҳо бо асъори миллӣ.<br>• Субъектҳои соҳибкорӣ бо маҳдудиятҳои мубодилаи асъор рӯ ба рӯ мешаванд. | • Ҳиссаи бахши хусусӣ бо мурури вақт калонтар гардид, лекин ҳузури давлат дар бисёр бахшҳо то ҳол хеле калон мебошад.<br>• Бахши кишоварзии порашуда тақрибан 60 фоизи шуғлро ташкил медиҳад.<br>• Бонкҳо ба бахшҳои мушаххас, ба монанди соҳибкории ба содирот равонакардашуда ва воридоти озуқаворӣ ва сӯзишворӣ аз лиҳози амалиётҳо бо асъори хориҷӣ афзалият медиҳанд; фоизҳои қарзии баланд ба сармоягузориҳо бо асъори миллӣ ба харочотҳои сармоявӣ монеагӣ мекунанд ва долларнокиро боз пойдор месозанд. | • Таваҷҷӯҳи зиёд ба дастгирии бахши хусусӣ тавассути ҳамбастагии сармоягузориҳои молиявӣ, аз он ҷумла молия бо АМ, молияи иқлимӣ, ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат ва кӯмаки техникӣ.<br>• Ташаббус оид ба соҳибкории хурд барои пешниҳоди дастгирии мақсаднок ба СХМ.<br>• Ташаббус оид ба фазои сармоягузорӣ ва идоракунӣ барои дастгирии беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ.<br>• Ташаккули иқтидори низоми судӣ ва дастгирӣ барои Роҳҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо тавассути Барномаи ислоҳоти ҳуқуқӣ (БИҲ). | Таҳкими рақобатпазирӣ ва беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ | • Малакаҳо ва стандартҳои соҳибкории такмилёфта ва соҳибкории пешрафта. Маҳсулоти гуногун ва фарогири низоми молиявӣ<br>• Баланд бардоштани сифати институтҳо; Таҳкими волоияти қонун<br>• Тиҷоратикунонӣ ва таҷдиди сохтори КВД-ҳо |
| • Дастрасӣ ба энергия ва об монеаҳои ҷиддӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисодӣ боқӣ мемонад, ки ин аз сабаби хатарҳои иқлими ҷисмонӣ, масалан, камбудии об/гармӣ ва рӯйдодҳои обуҳавоии шадид боз бадтар мегардад.<br>• Пешниҳоди хизматрасонии инфрасохторӣ самаранок нест, аз сабаби ҷамъоварии паст ва қарзҳои дебитории калон бо мушкилӣ рӯ ба рӯ шуда, ба хатарҳои иқлими ҷисмонӣ осебпазир аст.<br>• Ҳамгирой ба занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловагӣ заиф мебошад, инфрасохтори маҳдуд ба алоқамандӣ монеагӣ мекунад. | • Тоҷикистон дорои захираҳои обии бой мебошад. Гидроэнергетика тақрибан 94 фоизи истеҳсоли энергияро ташкил медиҳад.<br>• Нақшаи амали солимгардонии молиявии бахши энергетика, ки моҳи июни соли 2017 қабул гардид, чораҳои ислоҳотро дар Барқи Тоҷик, ширкати давлатии энергетикии ягона пешбинӣ мекунад.<br>• Муносибатҳои беҳтар бо Ӯзбекистон ҳамгироии минтақавиро дастгирӣ мекунад. | • Қобилияти ҳамбаста намудани маблағгузорӣ бо ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат ва ташаккули иқтидор барои мусоидат ба тиҷоратикунонӣ ва рушди устувор, аз он ҷумла инфрасохтори сабз.<br>• Таҷриба ва таваҷҷӯҳ ба ташаккули заминаи ҷисмонӣ ва меъёрии интиқол ва тақсимоти энергия бо мақсади таъмини амнияти энергетикӣ.<br>• Таҷрибаи мустаҳкам оид ба дастгирии ҳамгироии минтақавӣ. | Мусоидат ба ҳамгироии минтақавӣ, ислоҳоти соҳаи энергетика ва алоқамандии инфрасохтор | • Сифати беҳтари инфрасохтор ва устувории таҳкимёфта ба тағйирёбии иқлим<br>• Шабакаҳои таҳкимёфта ва ба тағйирёбии иқлим устувор барои алоқамандии дохилӣ ва байнидавлатӣ |
| • Муҳоҷирати бартаридоштаи мардон ба он оварда расонд, ки занон норасоиҳоро асосан дар соҳаи кишоварзӣ пурра месозанд ва дар баробари ин бо маҳдудиятҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки мушаххасан ба гендер рабт доранд.<br>• Фарогирӣ бо таъминоти оби нӯшокӣ ва беҳдошт маҳдуд аст, алалхусус дар деҳот, ки дар он беш аз 70 фоизи аҳолии кишвар зиндагӣ мекунад. | • Монеаҳои гендерӣ хуб эътироф карда шудаанд, лекин такмилдиҳии назаррас зарур мебошад.<br>• Эҳтиёҷоти умумӣ ба сармоягузорӣ дар бахши обтаъминкунӣ аз ҷониби ҳукумат дар ҳаҷми тақрибан 2 миллиард доллари ИМА арзёбӣ карда шудааст, ки дастгирии назарраси ММБ ва доноронро талаб мекунад.<br>• Мақомот ба тарви ҷиддӣ ба рушди ботавозуни минтақавӣ таваҷҷӯҳ медиҳад. | • Барномаҳои мақсаднок ва густаришдиҳанда барои занон ва дигар гурӯҳҳои мақсаднок, ки масъалаҳои маблағгузорӣ ва машваратро фаро мегиранд.<br>• Мисолҳои бомуваффақияти ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат баҳри ҳалли монеаҳои гендерӣ.<br>• Қобилият барои дастгирӣ кардани сармоягузориҳо ба инфрасохтори ба тағйирёбии иқлим тобовар дар зумраи васеъи шаҳрҳо, аз он ҷумла тавассути барномаҳои Шаҳрҳои сабз ва ММИС. | Дастгирии дастрасии васеъ ба инфрасохтори беҳтар ва хизматрасониҳои соҳибкорӣ барои занон, ҷавонон ва минтақаҳои камрушдкарда | • Дастрасии бештар ба молия ва малакаҳо<br>• Дастрасии бештар ба инфрасохтор ва хизматрасониҳои ба тағйирёбии иқлим устувор<br>• Ҳифзи мустаҳками муҳити зист |

# 5. Чорабиниҳо ва чорчӯбаи натиҷаҳо

European Bank
for Reconstruction and Development

## Афзалияти 1: Таҳкими рақобатпазирӣ ва беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ

| Ҳадафҳои асосӣ | Чорабиниҳо | Нишондиҳандаҳои пайгирӣ (натиҷаҳо) |
|---|---|---|
| Малакаҳо ва стандартҳои соҳибкории такмилёфта ва соҳибкории пешрафта.<br><br>Маҳсулоти гуногун ва фарогири низоми молиявӣ | • Пешниҳоди маблағгузории мустақим ба ширкатҳо, аз он ҷумла қарз ва сармояи саҳмиявӣ ва инчунин хатҳои қарзии мақсаднок/маблағгугзории омехта (аз он ҷумла то талафоти якум) тавассути муассисаҳои молиявӣ, аз он ҷумла агробизнес, механизмҳои маблағгузории иқтисодиёти сабз (ММИС), Механизми тақсимоти хатарҳо, Мусоидат ба савдо (аз он ҷумла БМС-и сабз ва молия барои риояи қоидаҳои савдо), маблағгузории хурд ва ҷорикунии маҳсулоти навоварона, аз он ҷумла технологияҳои молиявию технологӣ ва иттилоотӣ барои фаъолияти нави соҳибкорӣ (стартапҳо)<br>• Дастгирӣ ба бахши корпоративӣ, аз ҷумла СМХМ бо таваҷҷӯҳ ба такмили стандартҳои амалиёт/идоракунии корпоративӣ, ташаккули иқтидор/омӯзиш (Машварат ба соҳибкории хурд), ҳамгироии занҷираҳои арзиши иловагӣ, таҳкими иқтидори содиротӣ ва саноатикунонии минбаъдаи кишвар.<br>• Дастгирии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҳамаи бахшҳо ва мусоидат ба интиқоли навовариҳо (ноу-хау) (ҷорикунии стандартҳои байналхалқӣ).<br>• Дастгирии тавсеа ва ҷорикунии механизмҳои маблағгузорӣ бо асъори миллӣ, аз он ҷумла тавассути ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат оид ба ислоҳоти ҳуқуқӣ/меъёрӣ. | • Шумораи мизоҷони хизматрасониҳои машваратӣ, ки дар бораи афзоиши гардиш, шуғл гузориш медиҳанд<br>• Шумора/ҳаҷми умумии қарзҳои боқимондаи СМХМ аз ММХ (аз он ҷумла бо АМ)<br>• Тавсияҳои сиёсӣ оид ба бозори сармоя бо АМ, ки аз ҷониби мақомотҳо ва ҷонибҳои манфиатдори дахлдор қабул карда шудаанд |
| Баланд бардоштани сифати институтҳо;<br>Таҳкими волоияти қонун | • Идома додани дастгирии Шӯрои сармоягузорӣ, корбарӣ оид ба роҳҳои ҳалли амалӣ бо мақсади беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва муҳити соҳибкорӣ (аз он ҷумла ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат оид ба ислоҳот ва маъмурикунонии андоз).<br>• Таҳкими стандартҳои идоракунӣ ва харид, аз он ҷумла ташаккули иқтидор, омӯзиш бо таваҷҷӯҳ ба шаффофияти бештар ва татбиқнамоӣ. Ҷорикунӣ ва амалисозии хариди электронӣ.<br>• Идома додани ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон доир ба чораҳои сиёсат оид ба ислоҳоти бахши молиявӣ бо мақсади такмили ҷанбаҳои назорат/меъёрӣ, батанзимдарории бонкӣ, идоракунии корпоративӣ, мубориза бо расмикунонии маблаҳои ғайриқонунӣ – аз он ҷумла тавассути КТ ба муассисаҳои молиявии алоҳида барои таҳкими иқтидорҳои институтсионалӣ.<br>• Дастгирӣ барои ҳалли баҳсҳо, аз он ҷумла Ҳаллии алтернативии баҳсҳо ва татбиқи судӣ барои таҷдиди молиявӣ/муфлисшавии корхона ва иҷроиши қарордодҳо.<br>• Дастгирӣ барои воситаҳои мустаҳками корбарӣ бо ҚҒФ дар самтҳои асосии солимгардонии молиявӣ.<br>• Баррасии ҳамкорӣ бо Хазинаи суғуртаи пасандозҳо бо мақсади таҳкими устувории бахши молиявӣ. | • Тағйиротҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ё меъёрӣ барои беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ (низоми андоз)<br>• Тавсияҳои сиёсӣ, ки аз ҷониби мақомотҳо ва ҷонибҳои манфиатдори дахлдор қабул карда шудаанд |
| Тиҷоратикунонӣ ва таҷдиди сохтори КВД-ҳо | • Идомаи дастгирӣ барои тиҷоратикунонӣ ва таҷдиди сохтори КВД-ҳо, аз он ҷумла ислоҳоти тарофаҳои соҳавӣ ва пасткунии сатҳи талафот, дар бахшҳои энергетика, нақлиёт ва таъминоти обу корез (Барқи Тоҷик, ХМК, Роҳи оҳан), аз он ҷумла ислоҳоти васеъи соҳавӣ ва ташаккули иқтидор/омӯзиш<br>• Таҳқиқи эҳтимоли иштироки бештар дар бахши хусусӣ дар соҳаҳои асосии иқтисодиёт, аз он ҷумла инфрасохтор ва хизматрасониҳо.<br>• Омодакунии замина барои рушди ШДБХ, аз он ҷумла ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат оид ба заминаи ҳуқуқӣ ва машварат барои инфрасохтори устувор. | • Ислоҳоти шаффофи тарофаҳо/методология, ки аз ҷониби мақомотҳо дар бахшҳои энергетика, нақлиёт ё обтаъминкунӣ/корез қабул карда шудаанд<br>• Такмили ҳуқуқӣ, институсионалӣ ё меъёрӣ бо мақсади баландбардории самаранокии бозор мувофиқи ҳадафҳи гузошташуда |

**Нишондиҳандаи таъсирот:** Ҳоли Индекси дарки коррупсия *(Ибтидоӣ: 25)*;
Раддабандии мураккабияти иқтисодӣ *(Ибтидоӣ: 107[ум] аз 128)*

PUBLIC

Хубидорашавандагӣ... Рақобатпази...

# 5. Чорабиниҳо ва чорчӯбаи натиҷаҳо

European Bank
for Reconstruction and Development

## Афзалияти 2: Мусоидат ба ҳамгироии минтақавӣ, ислоҳоти соҳаи энергетика ва алоқамандии инфрасохтор

| Ҳадафҳои асосӣ | Чорабиниҳо | Нишондиҳандаҳои пайгирӣ (натиҷаҳо) |
|---|---|---|
| Сифати беҳтари инфрасохтор ва устувории таҳкимёфта ба тағйирёбии иқлим | • Маблағгузории баландбардории иқтидор, тақвияти шабакаҳои дохилӣ ва такмили самаранокии шабакҳои интиқол ва тақсимоти қувваи барқ, аз он ҷумла барои расонидани кӯмак дар баландбардории иқтидори назарраси содироти энергия.<br>• Ҳамкорӣ оид ба чораҳои сиёсат барои дастгирии ташаккули бозори минтақавии шаффоф ва хубидорашавандаи энергия, аз он ҷумла таҳияи хуби созишномаҳо оид ба хариди энерегия.<br>• Баландбардории устуворӣ ба иқлим ва устувории тиҷоратии низомҳои инфрасохтори энергетикӣ (алалхусус гидроэнергетика), нақлиёт ва обтаъминкунӣ.<br>• Таҳқиқи иқтидор барои гуногунсозии (диверсификатсияи) сарчашмаҳои энергия, гузариш ба низоми партовҳои пасти карбонӣ ва сармоягузориҳо ба истеҳсоли энергияи барқароршаванда, аз он ҷумла энергетикаи хурд.<br>• Дастгирии таҷдид ва муосиркунонии фурудгоҳҳо ва хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ.<br>• Таҳқиқу баррасии сармоягузориҳо ба шабакаҳо ва хизматрасониҳои логистикӣ. | • Иқтидори беҳтар/баланди инфрасохтор<br>• Шумораи умумии одамоне, ки аз дастрасии беҳтар/бештар ба инфрасохтор нафъ мегиранд |
| Шабакаҳои таҳкимёфта ва ба тағйирёбии иқлим устувор барои алоқамандии дохилӣ ва байнидавлатӣ | • Пешниҳод кардани маблағгузорӣ барои таҷдид, нигоҳдории техникӣ ва тавсеаи шабакаҳои роҳҳои асосӣ, роҳи оҳан ва дигар шабакаҳо, ҳам дохилӣ ва ҳам фаромарзӣ – аз он ҷумла қад-қади долонҳои байналхалқӣ, ба монанди Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Миёна (ҲИМОМ) ва ташаккули устувории иқлимӣ ва устувории тиҷоратии инфрасохтори нақлиётии асосӣ.<br>• Таҳқиқи имконият барои стандартикунони/сертификатсияи беҳтар бо мақсади дастгирии савдои байналхалқӣ.<br>• Таҳқиқу баррасии сармоягузориҳои эҳтимолӣ ба алоқамандии рақамӣ.<br>• Ташаккули иқтидор барои омодакунӣ ва татбиқи лоиҳаҳо дар бахши давлатӣ. | • Иқтидори беҳтар/бештари инфрасохтори нақлиётӣ<br>• Ислоҳоти ҳуқуқӣ/институтсионалӣ ё меъёрӣ барои такмили чорчӯбаи савдо ва сармоягузорӣ мувофиқи мақсадҳои гузошташуда |

**Нишондиҳандаи таъсирот:** Ҳаҷми умумии савдо/ММД *(Ибтидоӣ: 58%)*;
Ҳиссаи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар ҳаҷми умумии карзҳо *(Ибтидоӣ: 49%)*

PUBLIC

*Ҳамгироиш а* *Устувор*

# 5. Чорабиниҳо ва чорчӯбаи натиҷаҳо

European Bank
for Reconstruction and Development

## Афзалияти 3: Дастгирии дастрасии васеъ ба инфрасохтори беҳтар ва хизматрасониҳои соҳибкорӣ барои занон, ҷавонон ва минтақаҳои камрушдкарда

| Ҳадафҳои асосӣ | Чорабиниҳо | Нишондиҳандаҳои пайгирӣ (натиҷаҳо) |
|---|---|---|
| Дастрасии бештар ба молия ва малакаҳо | • Дастгирии фарогирии иқтисодии занон, ҷавонон ва минтақаҳо тавассути ҷудокунии маблағгузорӣ, чорабиниҳои машваратӣ ва инчунин пешбарию мусоидат ба хариди фарогир ва ҳамкории даҳлдор доир ба чораҳои сиёсат.<br>• Идомаи пешниҳодкунии хизматрасониҳои молиявӣ ва машваратӣ ба занони соҳибкор дар доираи Барномаи занон дар соҳибкорӣ ва эҳтимолан дигар гурӯҳҳои мақсадноки фарогир (масалан, ҷавонон, минтақаҳо) – аз он ҷумла тавассути муассисаҳои молиявӣ.<br>• Пешбарии баробарии гендерӣ тавассути таъсиси механизми таҳлили сиёсат барои “баҳодиҳии таъсироти фарогирии гендерии” ислоҳоти фазои сармоягузорӣ.<br>• Ҳамкорӣ бо зумраи пурраи ҷонибҳои манфиатдори давлатӣ ва хусусӣ, аз он ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ барои дастгирии барномаҳои таълимӣ ва рушди малакаҳо, ба монанди омӯзиши касбӣ. | • Шумора/ҳаҷми қарзҳо, ки аз тарафи ММХ ба ширкатҳои аз ҷониби занон роҳбаришаванда пешниҳод карда шудаанд<br>• Шумораи амалиётҳо оид ба пешниҳоди машваратҳо доир ба сиёсат (аз он ҷумла лоиҳаи тавсияҳои пешниҳодшуда барои такмили заминаи ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ё меъёрӣ)<br>• Шумораи одамоне, ки дар натиҷаи омӯзиш аз ҷониби гурӯҳи мақсаднок малакаҳои нав/беҳтарро ба даст оварданд |
| Дастрасии бештар ба инфрасохтор ва хизматрасониҳо ба тағйирёбии иқлим устувор | • Маблағгузории тавсеа ва барқарорсозии инфрасохтори хизматрасониҳои ба иқлим тобовар ва аз лиҳози тиҷоратӣ устувори обу корез ва идоракунии партовҳои сахти маишӣ.<br>• Дастгирии муосиркунонӣ ва тавсеаи парки нақлиёти ҷамъиятӣ, хизматрасониҳо ва таҷҳизот (масалан, низоми чиптаҳо), аз он ҷумла барои беҳтарсозии фарогирии занон.<br>• Ба роҳ мондани фаъолият ва ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат дар доираи Барномаи шаҳрҳои сабз.<br>• Таҳқиқи иқтидор барои барқарорсозии шаҳрӣ ва рушди минтақавӣ дар доираи Чорчӯбаи мероси фарҳангӣ, аз он ҷумла сайёҳии саҳрой ва экосайёҳӣ.<br>• Баландбардории устуворӣи иқлимӣ ва устувории тиҷоратии инфрасохтори энергетика, нақлиёт ва таъминоти об, инчунин таъмини фарогирӣ ва ба инобат гирифтани ҷанбаи гендерӣ дар ташаккули хизматрасониҳои асосӣ.<br>• Таҳқиқи иқтидор барои тавсеаи ММИС дар Тоҷикистон бо мақсади дастгирии минтақаҳои деҳоти камрушдкарда. Ташаккули сарчашмаҳои даромад, ки ба иқлим тобовар ва аз лиҳози тиҷоратӣ устувор мебошанд ва дастрасӣ ба бозори минтақавӣ. Дастгирии гузариш ба низоми партовҳои пасти карбонӣ ва чораҳо баҳри ҳалли хатарҳои тағйирёбии иқлим. | • Шумораи мизоҷоне, ки сифати инфрасохторро баланд бардоштанд<br>• Шумораи одамон ва/ё хонаводаҳое, ки аз инфрасохтор ва хизматрасониҳои нав/беҳтар нафъ мегиранд, ки ин ба имкониятҳои иқтисодии беҳтар оварда мерасонад<br>• Ҳаҷми умумии СО2-и камкардашуда/пешгиришуда (тонна/сол) |
| Ҳифзи мустаҳками муҳити зист | • Дастгирӣ кардани лоиҳаҳои ҷавобгӯй оид ба барқарорсозии экологии партовгоҳҳои уран дар доираи Суратҳисоби барқарорсозии экологӣ (СБЭ) барои Осиёи Миёна ва дигар лоиҳаҳои экологӣ мувофиқи усули ГИС-и Бонк. | • Шумораи мизоҷоне, ки стандартҳои экологиро такмил доданд |

**Нишондиҳандаи таъсирот:** Фарқият дар нишондиҳандаи иштироки қувваи кории занона ва мардона *(Ибтидоӣ: 38%)*;
Партовҳои карбон *(Ибтидоӣ: Нақлиёт 53%, Истеҳсоли қувваи барқ ва гармӣ 7%)*

PUBLIC

Фарогир Сабз

# 6. Харитабандии фаъолияти мутақобилаи пуррасозандаи шарикони байналхалқӣ дар самтҳои фаъолияти БАТР

European Bank
for Reconstruction and Development

## САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БАТР

| | | Бахшҳо | | | | | | | | Мавзӯҳои байнисоҳавӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Саноат, савдо ва агробизнес | | | | | Инфрасохтор и устувор | | Муассисаҳои молиявӣ | | Ташаббусҳои стратегӣ | | |
| Ҳаҷми миёнаи солонаи шартии сармоягузориҳо/грантҳо (млн. евро, 2015-2019) | | Агробизнес | Истехсолот ва хизматрасониҳо | Моликият ва сайёҳӣ | ТИК | Захираҳои табиӣ | Энергетика | Инфрасохтор | Бонкдорӣ | Муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ | Иқтисодиёти сабз | Фарогирӣ ва гендер | Асъори миллӣ ва бозори қоғазҳои қимматнок | Соҳибкории хурд |
| **БОР** | 87 | | | | | | | | | | | | | |
| **ИА** | 50 | | | €Р | | | €Р | €Р | € | | | €Р | | €Р |
| **БАС** | 8 | €Р | | | | | | | | | €Р | €Р | | €Р |
| **Бонки осиёии сармоягузори и инфрасохторӣ (БОСИ)** | 19 | | | | | | €Р<br>€ | € | | | | | | |
| **Бонки ҷаҳонӣ (БҶ) (ББТР)** | 100 | | | | | | €Р | €Р | | | €Р | €Р | | |
| **Корпоратсияи молиявии байналхаоқӣ (КМБ)** | 2 | | € | | | | | | | € | | €Р | | € |
| **Бонки рушди Олмон (БРО)** | 12 | | | | | | €Р | | €Р | | | | | €Р |
| ***БАТР*** | 65 | € | € | | | | €Р | €Р | € | | €Р | €Р | €Р | € |

€ Самти сармоягузориҳои назаррас
Р Самти ҳамкории назаррас доир ба чораҳои сиёсат
● Таваҷҷӯҳ асосан ба бахши хусусӣ
○ Таваҷҷӯҳ асосан ба бахши давлатӣ

## Самтҳои эҳтимолии ҳамкорӣ

**Рақобатпазир**
Истифодаи маблағгузории грантии ИА ва дигар донорон бо мақсади дастгирии дастрасӣ ба молия ва малакаҳои СХМ ва бахши корпоративии маҳаллӣ.

**Сабз**
Сармоягузорӣ ба чораҳои ба тағйирёбии иқлим устувор дар ҳама бахшҳо дар ҳамоҳангсозии зич бо дигар донорон ва ММБ (БҶ, БРО).

**Ҳамгироишуда**
Сармоягузории муштарак ба лоиҳаҳои ҳамгирории минтақавӣ дар якҷоягӣ бо дигар ММБ (ИА, БОР, БҶ) ва донорон дар баробари пайгирии ҳамкории минтақавии мустаҳкам тавассути ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат.

**Устувор**
Идодани ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат оид ба ислоҳоти бахши молиявӣ ва амнияти энергетикӣ дар ҳамоҳангсозии зич бо дигар ММБ ва донорон (БҶ, КМБ, ИА). Ҳамоҳангсозии ММБ доир ба масъалаи қарзи давлатӣ

**Хубидорашаванда**
Таваҷҷӯҳ ба такмилдиҳии идоракунӣ ва таҳкими институционалӣ дар чорчӯбаи Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд ва дар ҳамоҳангсозии зич бо ИА, БҶ, КМБ ва дигар донорон.

**Фарогир**
Ҳамкорӣ бо ИА, БҶ ва дигар ММБ барои пешниҳоди мусоидат ба фарогирии занон ва ҷавонон дар бозори меҳнат ва дастгирии ташаккули малакаҳои маҳаллӣ тавассути имкониятҳои омӯзишӣ.

*Эзоҳ: Харитабандии ММБ дар асоси маълумотҳои дастраси оммавӣ (ба истиснои дастгирии буҷет), сармоягузориҳои назарраси ММБ ҳамчун сармоягузорӣ дар ҳаҷми беш аз 5 фоизи сармоягузориҳои байни солҳои 2015-2019 имзокардашуда муайян карда шудааст. БОР, ИА ва БАС танҳо грант пешниҳод мекунанд ва ҳамаи лоиҳаҳои бахши давлатӣ ақаллан 35% ҷузъи грантӣ доранд.*

PUBLIC

# 7. Хатарҳои татбиқсозӣ ва оқибатҳои экологию иҷтимоӣ

European Bank
for Reconstruction and Development

## Хатарҳо барои татбиқи Стратегия

Эҳтимолият | Таъсир

- **Масъалаҳои андозию буҷетӣ** – Лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ, ба монанди нерӯгоҳи обии барқии Роғун сарчашмаи асосии шиддат дар соҳаи буҷет ва сатҳи баланди қарз мебошад. Маблағгузории донорон аз барномаи СБА вобаста аст. Бо дар назардошти ҳиссаи калони қарзҳои бо асъори хориҷӣ ифодашуда, бозпардохтҳои калони қарз, ки дар солҳои 2020-25 меоянд ва сатҳи пасти захираҳои асъори хориҷӣ Тоҷикистон зери хатари баланди гирифторшавӣ ба вазъияти хеле мушкили қарзӣ қарор дорад.
- **Суботи сиёсӣ** - мавқеи геополитикии мушкил, таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва зарурати татбиқи ислоҳот ва ташкили ҷойҳои корӣ барои аҳолии ҷавон хатарҳои марбут ба зарурати таъмини суботи сиёсӣ таъкид месозанд.
- **Иқтидори татбиқнамоии бахши давлатӣ** – институтҳо ба таври кофӣ рушднакарда ба омодакунӣ ва татбиқи ҳам лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва ҳам беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ монеагӣ мекунанд.
- **Идоракунии/ахлоқи корпоративӣ** – шарту қоидаҳои баробар ва волоияти қонун бояд дар таҷрибаҳои соҳибкорӣ талкин карда шаванд, то ин ки кишвар аз иқтисодиёти аз ҷониби донорон маблағгузоришаванда ба иқтисодиёти рушдкунанда табдил гардад.
- **Омилҳои беруна** - иқтисодиёт ба интиқоли маблағҳо, асосан аз Русия ва инчунин муносибатҳо бо ҳамсоякишварҳои худ бо

## Оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

- **Баҳодиҳӣ ва идоракунии таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ:** Таъмини баҳодиҳӣ ва пасткунии дахлдори таъсироти экологӣ ва иҷтимоии бевосита, бавосита, ҷамъшаванда ва фаромарзии лоиҳаҳо. Баррасии ташаккули иқтидор доир ба баҳодиҳии экологӣ ва иҷтимоӣ, баҳодиҳии стратегӣ, низомҳои идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ ва идоракунии пудратчиён бо мақсади дастгирии ҷорикунии таҷрибаи байналхалқӣ зарур буда метавонанд.
- **Меҳнат ва шароитҳои корӣ:** Таъмини мувофиқати сиёсати кадрӣ ва таҷрибаҳои кории мизоҷон ба талаботҳои БАТР, алалхусус вобаста ба баррасию ҳалли шарту талаботҳои меҳнатӣ, идоракунии пудратчӣ, табъизи эҳтимолӣ дар ҷойи корӣ ва пешбарии имкониятҳои баробар. Бонк таваҷҷӯҳи махсусро ба пешгирии зӯроварии гендерӣ дар лоиҳа медиҳад ва мизоҷонро дар таҳия ва татбиқи сиёсатҳо ва механизмҳое дастгирӣ мекунад, ки масъалаҳои озори шаҳвонӣ, сӯистифода ва истисморро ҳал мекунанд.
- **Самаранокии захираҳо ва пешгирию назорати ифлосшавӣ:** Таҳияи ташаббусҳо оид ба ташаккули иқтидор дар бахши инфрасохтор. Муайянкунӣ ва таҳияи лоиҳаҳо оид ба самаранокии партов ва захираҳои обӣ ва баррасии кӯмаки техникӣ, алалхусус ҳангоми баррасиву ҳалли масъалаҳои фаромарзӣ.
- **Саломатӣ ва бехатарӣ**: Зери мақсад қарор додани масъалаи такмили стандартҳои саломатӣ ва бехатарӣ дар ҳама бахшҳо. Бехатарии роҳу нақлиётӣ масъалаҳои афзалиятнок мебошанд ва ҳамкорӣ бо мизоҷон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор зарур буда метавонад. Маблағҳои КТ барои дастгирии ин чорабиниҳо зарур буда метавонанд.
- **Гирифтани замин, кӯчониши ғайриихтиёрӣ ва ҷойивазкунии иқтисодӣ:** Таъмини риояи талаботҳои Бонк оид ба ҷуброн ва барқарорсозии сарчашмаҳои даромад аз тарафи ҳама гуна лоиҳаҳое, ки гирифтани заминро талаб мекунад, бо додани таваҷҷӯҳи махсус ба истифодабарандагони ғайрирасмии замин, гурӯҳҳои осебпазир ва муқаррарот доир ба мониторинг.
- **Ҳифзу нигоҳдории гуногунии табиӣ ва идоракунии устувори захираҳои табии зинда:** Таҳияи ташаббусҳо доир ба ташаккули иқтидор барои баҳодиҳии гуногунии табиӣ, ки ҳифзи навъҳо ва маҳали зисти барои нигоҳдорӣ муҳимро таъмин мекунад.
- **Мероси фарҳангӣ:** Кор бо мизоҷон бо мақсади муайянкунӣ ва машварат бо ҷонибҳои манфиатдори асосӣ дар робита бо лоиҳаҳое, ки дар минтақаҳои аз лиҳози фарҳангӣ муҳим эътирофшуда қарор доранд ва ҳифзи мероси фарҳангии ҳассос.
- **Миёнравии молиявӣ:** Таъмини мавҷудияти иқтидори экологӣ ва иҷтимоии кофӣ ва тартиботи идоракунии хатарҳо дар фаъолияти шарикони миёнрави молиявӣ.
- **Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор:** Дастгирии мизоҷон дар таҳия ва татбиқи нақшаҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади таъмини ошкоркунии мақсадноки маълумот ба ҷамъият ва гузаронидани машваратҳо чун қисми баҳодиҳии экологӣ ва иҷтимоӣ ва ҳангоми татбиқи лоиҳа.
- **Мониторинг ва назорат:** Ҳамкорӣ бо мизоҷон бо мақсади мониторинги самаранокии экологӣ ва иҷтимоӣ ва баррасии масъалаҳои меросие, ки бо сандуқи Бонк алоқаманданд.

High Medium Low

# 8. Баҳодиҳии маблағгузории муштараки донорон

European Bank
for Reconstruction and Development

## 8.1. Баҳодиҳии эҳтиёҷот барои давраи Стратегияи нави ҳамкорӣ бо кишвар

Маблағгузории донорӣ барои нолишавӣ ба ҳадафҳои стратегии Стратегияи ҳамкорӣ бо кишвар зарур хоҳад буд, аз он ҷумла барои:

- Хизматрасониҳои машваратӣ ва омӯзиш барои таҳкими ташаккули малакаҳо ва иқтидори СМХМ
- Ҳамкорӣ доир ба чораҳои сиёсат ва омӯзиш барои таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва муҳити соҳибкорӣ дар умум, аз он ҷмула дар бахшҳои судӣ ва молиявӣ
- Таҳлил ҳамаҷониба, дастгирӣ дар татбиқнамоӣ ва грантҳо барои Хароҷоти сармоявӣ бахри кӯмак дар дастгирии лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки сифат, алоқамандӣ ё устуворӣ ба иқлимро беҳтар месозанд, аз он ҷумла бахшҳои роҳ, нақлиёти ҳавой ва энергетика
- Воситаҳои тақсимоти хатар ва дастгирӣ бо КТ бо мақсади мусоидат ба дастрасӣ ба молия ва хизматрасониҳои машваратӣ барои занони соҳибкор
- Беҳтар кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои инфрасохтори шаҳрӣ, ба монанди таъминоти об, идоракунии партовҳои сахти маишӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ тавассути пешниҳоди дастгирӣ дар омодакунӣ, татбиқнамоӣ, рушди корпоративӣ ва/ё грантҳои сармоягузории муштарак, аз он ҷумла дар доираи Барномаи шаҳрҳои сабз

## 8.2. Сарчашмаҳои эҳтимолии маблағҳои донорӣ

- Дастгирӣ аз ИА асосан тавассути **Хазинаи сармоягузорӣ барои кишварҳои Осиёи Миёна (ХСОМ)** равона карда мешавад. КТ ва грантҳои сармоягузорӣ барои бахшҳои афзалиятнок, ба монанди инфрасохтори энергетикӣ, ҳифзи муҳити зист ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва СХМ мавҷуд мебошанд
- **Ташаббуси молиявӣ барои занони соҳибкор (ТМЗС)** беш аз 20 миллион доллари ИМА-ро барои мусоидат ба рушди малакаҳо ва дастрасӣ ба молия барои СХМ-и аз ҷониби занон роҳбаришаванда, аз он ҷумла барои ҳамкории марбута доир ба чораҳои сиёсат барои чор кишвар, аз он ҷумла Тоҷикистон пешниҳод намудааст
- **Хазинаи кишварҳои марҳилаи ибтидоии гузариш (ХКМИГ)** омода аст, ки ақаллан 70 фоизи захираҳои худро барои кишварҳои сатҳи даромадашон паст ва пасти миёнаи Осиёи Миёна ҷудо намояд. Дар Тоҷикистон хазинаи мазкур дастгирии татбиқи лоиҳаи инфрасохторӣ ва лоиҳаҳое, ки шуғлро дар бахши хусусӣ зиёд мегардонад, маблағгузорӣ карда истодааст. Маблағгузорӣ инчунин тавассути **Хазинаи дастгирии соҳибкории хурд (ХДСХ)** барои дастгирии инкишоф ва рушди СХМ дастрас буда метавонад.
- Ҷустуҷӯ ва ҷалби маблағгузорӣ аз **донорони дуҷониба** идома дода хоҳад шуд
- Тоҷикистон кишвари ҷоиз барои ҷалби маблағгузорӣ барои ташаббусҳои сабз аз **Хазинаи иқлими сабз (ХИС), Хазинаи экологии ҷаҳонӣ (ХЭҶ)** ва **Хазинаҳои сармоягузории иқлимӣ (ХСИ)** мебошад
- **Хазинаи махсуси саҳомони БАТР** тавассути механизми ХКМИГ сарчашмаи муҳим барои КТ-и иловагӣ ва захираҳои сармоягузориҳои муштарак аст ва хоҳад буд

| Нишондиҳандаҳои алоҳидаи дастрасии молиявӣ | | |
|---|---|---|
| | | *Протсентили минтақавии БАТР[1]* |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (БҚХ, ҷорӣ. $)[2] | 3 416 | Пасттарин дар КФ |
| Кишвари Кӯмаки расми барои рушд (КРР) | ҲА | Д/Н |
| КРР чун ҳиссаи Маҷмӯи даромади дохилӣ (%)[3] | 3.69 | 72-ум |
| КРР ба ҳар сари аҳолӣ ($ - нархҳои ҷорӣ)[3] | 34.07 | 28-ум |

Сарчашмаҳо: [2] IMF (2018), [3] OECD (2017)

Маблағгузории донорӣ дар давоми стратегияи қаблӣ (млн. евро)[4]




*Беш аз 85 фоизи грантҳои сармоягузории муштарак ва 100 фоизи қарзҳои аз ҷониби донорон маблағгузоришаванда барои баландбардории устувории иқлимии нерӯгоҳи обии барқии Қайроққум




1. Протсентили оддӣ чун ҳиссаи кишварҳои БАТР гузориш дода шудааст, ки поёнтар аз Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.
4. Маълумотҳо доир ба КТ-и соли 2015 дар асоси ӯҳдадориҳо аз охири марти соли 2016 мебошанд (санаи дастраси охирин пеш аз гузариши маълумотҳо ба Низоми нави маблағҳои донорӣ). Маълумотҳои КТ-и солҳои 2016-2018 дар асоси маблағҳои мақсаднок дар сатҳи лоиҳа мебошад. Ҳаҷми грантҳои сармоягузории муштарак ва қарзҳои аз ҷониби донорон маблағгузоришуда дар асоси имзокунии созишномаҳои аз ҷониби мизоҷон мебошад.
5. Эҳтиёҷоти тахминӣ барои маблағгузории грантӣ дар асоси эҳтиёҷоти амалиётие мебошад, ки аз ҷониби дастаҳои бонкӣ барои лоиҳаҳое пешниҳод карда шудаанд, ки бояд дар соли 2019 оғоз гарданд. Маблағгузории тахминӣ одатан аз истифодаи воқеии грантҳо бештар мебошад, зеро баъзе эҳтиёҷот ба миён намеояд, дер ба миён меояд, ё аз сабаби эҳтиёҷот ба воқеияти амалиётӣ кӯшишҳои ҷалби маблағгузорӣ ба якчанд солҳо тақсим шуданаш мумкин аст.

PUBLIC

# Замимаҳо

European Bank
for Reconstruction and Development

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank
for Reconstruction and Development

Ӯҳдадории Тоҷикистон бахри риоя ва татбиқи принсипҳое, ки дар моддаи 1-и Созишнома оид ба таъсисдиҳии Бонк пешбинӣ карда шудаанд, дар давраи Стратегияи қаблии ҳамкорӣ бо кишвар аз ҷониби сохторҳои байналхалқии дахлдор ба таври омехта баҳогузорӣ карда шуданд. Онҳо баъзе беҳтариҳоро дар чорчӯбаи қонунгузорӣ пазирои карда, дар баробари ин ташвишҳои худро вобаста ба қадамҳои пасрав (регрессивӣ) дар дигар самтҳо изҳор намуданд. Онҳо инчунин як қатор ташвишҳои худро доир ба татбиқи заминаи ҳуқуқӣ вобаста ба демократия ва ҳуқуқҳои инсон дар амалия изҳор намуданд.

Аз лаҳзаи истиқлолияти худ дар соли 1991 Тоҷикистон бо мушкилиҳои бесобиқа дар таъсиси давлатдории худ ва сулҳи асосӣ дар кишвар рӯ ба рӯ шуд. Кишвар аз сабаби ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-97 хароб гардид, ки дар он аз 50000 то 100000 одамон ҳалок гаштанд. Вазъи бесуботи амниятӣ дар ҳамсоякишвари Афғонистон, ки дорои ақаллияти этникии калони тоҷикон аст, дигар нуктаи заминавӣ барои мулоҳиза мебошад. Дар давоми бист соли охир Тоҷикистон ба пешравии сиёсӣ ва иқтисодии бузург ноил гашт, ки роҳбарияти кишвар аз обрӯи калони аҳолӣ барои ташаккули суботи сиёсию иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ бархурдор аст. Дар давоми давраи Стратегияи қаблии ҳамкорӣ бо кишвар роҳбарияти кишвар гузаришеро аз созишҳои сиёсии фарогир, ки дар натиҷаи Созишномаи сулҳи соли 1997 ба миён омада буду, ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид, ба як намунаи бештар марказонидашудаи роҳбарӣ бо таваҷҷӯҳи бештар ба ташаккули давлати миллии мустаҳкам, таҳкими амалисозии ислоҳотҳо ва таъмини боварӣ ба муттасилии роҳбарияти кишвар амалӣ намуд.

Тағйироту иловаҳои конститутсионии соли 2016, ки ҳокимияти президентро мустаҳкам карда, қабули қарорҳоро низомнок намуд, лекин фазоро барои мубоҳисаи сиёса маҳдуд сохта, ҳизбҳои дар заминаи принсипҳои динӣ асосёфтаро ғайриқонунӣ эътироф кард, ҷузъҳои марказии ин тағйирот буданд. Қонуни конститутсионӣ аз моҳи ноябри соли 2016, ки ба Президент Раҳмон мақоми махсус ва ваколатҳои якумраро пешниҳод кард, инчунин аҳамияти назаррас дошт. Баҳодиҳии омехтаи сохторҳои байналхалқии дахлдор вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои Тоҷикистон бахри риоя ва татбиқи принсипҳое, ки дар моддаи 1 пешбинӣ карда шудаанду, дар боло қайд гардиданд, инъикосгари тағйиротҳои мазкур мебошад. Баъд аз давраи охирини муколамаи худ оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки моҳи октябри соли 2018 баргузор гардид, ИА аз чораҳои қонунгузорӣ, аз он ҷумла дар самти пешгирии шиканҷа ва пешбарии баробарии гендерӣ пазирои намуд, лекин ташвишҳои худро, алалхусус вобаста ба “маҳдудшавии умумии фазо барои ҳуқуқҳои инсон” изҳор кард. Дар ҳисоботи Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ, ки моҳи августи соли 2019 интишор гардид, як қатор чораҳои қонунгузории аз ҷониби роҳбарияти Тоҷикистон қабулгардида баланд арзёбӣ карда шуданд, лекин ташвишҳо, алалхусус вобаста ба мустақилияти низоми судӣ, мушкилиҳо вобаста ба меъёрҳову таҷрибаҳои интихобот, маҳдудиятҳо оид ба озодии баён ва озодии ҷамъомадҳи изҳор карда шуданд. Ҳарду сохтор як қатор ташвишҳоро вобаста ба риояи бади кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон изҳор намуданд.[1]

**Интихоботи озод ва ҳукумати намояндагӣ**

*Интихоботи озод, одилона ва рақобатнок*

Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул шудааст ва ба он дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, заминаи ҳуқуқиро барои интихоботи озод муайян мекунад. Дар моддаи 6 изҳор карда шудааст, ки “Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст”. Дар моддаҳои 49 ва 65 изҳор карда шудааст, ки интихоботи палатаи поёнии парлумон (Маҷлиси намояндагон) ва президент ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Дар моддаи 27 изҳор карда шудааст, ки тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд.

[1] EU-Tajikistan Human Rights Dialogue, Press Release, 26 October 2018; Human Rights Committee: Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019.

PUBLIC

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank for Reconstruction and Development

Палатаи поёнии парлумон (моддаи 57) барои таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР), интихоб ва бозхонди аъзоёни он (раис ва муовин) бо пешниҳоди Президент салоҳият дорад. Моҳи июни соли 2019 парлумот Қонуни нав "Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурси"-ро тасдиқ намуд. Муқаррароти он пешниҳоди мақом ва маошҳои баландро ба кормандони КМИР аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ мекунад. Он инчунин аъзогии аъзоёни ҳизбҳои сиёсиро дар КМИР ва сохторҳои интихоботии сатҳи поёнӣ манъ мекунад. Барои баҳодиҳии таъсироти ин қонуни нав то ҳол барвақт аст.

Аз давраи истиқлолияти кишвар дар соли 1991 то инҷониб интихобот дар Тоҷикистон мунтазам баргузор карда мешавад ва принсипи овоздиҳии умумӣ риоя карда мешавад. Аз давраи интиҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997 то инҷониб овоздиҳандагон имконияти интихоби номзадон дар интихоботи президентӣ ва интихоби ҳизбҳоро дар интихоботи парлумон доштанд. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар аврупо (САҲА)/Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон (ДИДҲИ) ба таври мунтазам ҳайати пурраи мушоҳидавии худро бо мақсади мушоҳидаи интихобот ба Тоҷикистон фиристода, ба интихобот баҳодиҳии омехта медод. Дар ҳисоботи Ҳайати САҲА/ДИДҲИ оид ба мушоҳидаи интихобот (ҲМИ) вобаста ба охирон интихоботи президентии соли 2013 хулоса карда шудааст, ки "интихобот... ба таври осоишта баргузор гардид, лекин талаботҳои маҳдудкунандаи бақайдгирии номзадҳо ба набудани интихоби воқеӣ ва бисёрандешии комил оварда расонд."[2]

Аз ҳама интихоботи миллии охирин дар Тоҷикистон интихоботи палатаи поёнии парлумон дар моҳи марти соли 2015 буд. Дар ҳисоботи ҲМИ САҲА/ДИДҲИ хулоса карда шудааст, ки дар ҳоле ки дар рафти интихобот алтернативаҳои сиёсӣ ҷой доштанд ва баъзе беҳтариҳо дар қонунгузории интихобот карда шуданд, аммо интихобот "дар фазои сиёсии маҳдуд баргузор гардида, дар он шароиту имкониятҳои баробар барои номзадон пешниҳод карда нашуданд." Дар ҳисобот як қатор нуқтаҳои танқидӣ доир ба заминаи ҳуқуқӣ, муҳити сиёсӣ ва баргузоркунии интихобот оварда шуда, як қатор тавсияҳо барои гузаронидани интихобти оянда пешниҳод карда шуданд.[3] Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ ташвиши худро вобаста ба камбудиҳо дар заминаи ҳуқуқӣ барои гузаронидани интихобот, аз он ҷумла: маҳдудиятҳо доир ба пешбарии номзадҳо дар интихобот ва набудани мустақилияти КМИР изҳор намуд.[4]

*Тақсимоти ҳокимият ва низоми боздошту тавозун*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои тақсимоти ҳокимият муайян месозад. Дар моддаи 1 гуфта шудааст, ки Тоҷикистон ҷумҳурии перзидентӣ аст ва дар моддаи 9 изҳор карда шудааст, ки "Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад." Дар бобҳои дахлдори Сарқонун ба таври равшан нақш ва салоҳиятҳои Парлумон ("мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ"), Президент ("сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия"), Ҳукумат (асосан сохтори иҷроияи тобеъи Президент ва зери назорати парлумон) ва судҳо (масъалаи мустақилияти низоми судӣ дар поён баррасӣ шудааст) муайян карда шудаанд.

[2] Republic of Tajikistan. Presidential Election, 6 November 2013. OSCE/ODIHR Election Observation Mission. Final Report. 5 February 2014, p 1.
[3] Republic of Tajikistan. Parliamentary Elections, 1 March 2015. OSCE/ODIHR Election Observation Mission. Final Report. 15 May 2015, p 1.
[4] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 54-5.

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank
for Reconstruction and Development

Тақсимоти салоҳиятҳои расмӣ байни Президент ва дигар шохаҳои ҳокимият бар нафъи якумин аст. Президент самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад, Сарвазир ва дигар вазирон ва инчунин раисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии сатҳи вилоятиро бо тасдиқи баъдинаи парлумон таъин ва озод мекунад ва Шӯрои амниятро таъин ва роҳбарӣ менамояд. Шояд аз ҳама назаррас ин аст, ки Президенти кунуни Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1994 то инҷониб дар қудрат аст ва дар даст қудрати ғайрирасмии назаррасро новобаста аз муқарраротҳои конститусионӣ ва ҳуқуқӣ ҷамъ овардааст. Суботи сиёсии кишварро баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ то инҷониб бо ӯ алоқаманд месозанд ва ӯ нуфузи беҳамторо дар низоми сиёсӣ ва умуман ҷамъият ташаккул додааст.

Баъд аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ нақши ҳукмфармои воқеии Президент ҳарчӣ бештар ба таври ҳуқуқӣ ҳам инъикоси худро меёбад. Дар доираи раъйпурсиҳои солҳои 1999 ва 2003 мӯҳлати президенӣ аз панҷ то ба ҳафт сол ва маҳдудияти мӯҳлат аз як ба ду зиёд карда шуданд. Дар раъйпурсии моҳи майи соли 2016 41 тағйироту иловаҳои конститутсионӣ тасдиқ карда шуданд, ки дар моҳи декабр ҳамчун қонун аз ҷониби парлумон қабул гардид, ки дар доираи онҳо ҳамаи маҳдудиятҳои мӯҳлат барои президент бекор карда шуда, синну соли ҳадди ақал барои президентӣ аз 35 то ба 30 поён карда шуд. Моҳи ноябри соли 2016 Парлумон қонуни конститутсиониеро қабул кард, ки дар доираи он ба Президент Раҳмон унвони Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ва инчунин як қатор салоҳиятҳои якумра, аз он ҷумла ҳуқуқи муроҷиат ба миллат доир ба масъалаҳои муҳим, иштирокнамоӣ дар ҷаласаҳои парлумон ва Шӯрои амният ва зарурати машварт бо ӯ доир ба масъалаҳои сиёсии асосӣ дода шуд.

Дар моддаи 46-и Сарқонун гуфта шудааст, ки Президент ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолатҳое, ки мақомоти конститутсионӣ наметавонад ба тарви мӯътадил фаъолият намояд, вазъияти фавқулодаро эълон намояд, лекин инчунин дар моддаи 47 як қатор маҳдудиятҳо зидди сӯистифода аз ин салоҳият пешбинӣ карда шудаанд. Заминаи ҳуқуқӣ барои вазъияти фавқулода дар қонуни конститутсионии мушаххас муайян карда шудааст. Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ ташвишҳоро дар бораи номувофиқати Қонун “Дар бораи вазъияти фавқуллода” ба ӯҳдадориҳои Тоҷикистон дар доираи созишномаҳои байналхалқӣ изҳор намуд.[5]

*Салоҳияти қонунӣ шахсони мансабдори интихобшаванда барои идоракунӣ*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои шахсони мансабдори интихобшавандаи Тоҷикистон вобаста ба доштани салоҳияти қонунӣ барои идоракунӣ муайян месозад. Дар моддаи 6 гуфта шудааст, ки “ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст”. Дар Сарқонун ваколатҳои Парлумон, Президент ва дигар мақомотҳои интихобшаванда ба таври равшан тасвир карда шудаанд, ки он иҷрои самараноки нақшҳои онҳоро таъмин месозад. Қонуни конститусионӣ аз соли 2016, ки ба Президент Раҳмон салоҳиятҳои якумра медиҳад, салоҳиятҳои шахсони мансабдор ва мақомотҳои интихобшавандаро поймол карда метавонад, лекин ин дар амалия ҳоло бояд зоҳир гардад.

Бо шикасти амиқи гузаштаи коммунистии кишвар, вақте ки ба Ҳизби коммунистӣ “нақши пешбар” дода шуда буду, он метавонист, ки сохторҳои конститутсиониро аз паси парда идора кунад, дар моддаи 6 изҳор карда шудааст, ки “Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳуқуқ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд”. Дар моддаи 8 идома дода шудааст, ки “Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад”. Дар он инчунин изҳор карда шудааст, ки “Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд” ва “маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ [манъ аст].”

[5] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 21-2.

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank
for Reconstruction and Development

Қувваҳои мусаллаҳ ва хадамотҳои амниятии Тоҷикистон зерин назорати бевоситаи Президент қарор доранд ва нақши мустақилро дар ҷараёнҳои қабули қарор дар кишвар иҷро намекунанд. Муассисаҳои динӣ, корпоративӣ ё дигар муассисаҳои интихобнашаванда дорои қудрати зиёд аз болои шахсони мансабдори интихобшаванда намебошанд.

**Ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори омма ва иштирок**

*Андоза ва мустақилияти ҷомеаи шаҳрвандӣ*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои ҷомеаи шаҳрвандии озод ва фаъол пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 8 изҳор карда шудааст, ки “Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ... дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд”. Дар моддаи 28 изҳор карда шудааст, ки “Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад”. Аз давраи ба даст овардани истиқлолият ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ) дар Тоҷикистон инкишоф ёфтанд ва нақши муҳимеро дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар иҷро мекунанд. Аз ниммаҳои солҳои 2000-ум як қатор чораҳои қонунгузорӣ то ҳадде андозаи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятиро коҳиш доданд, лекин новобаста аз ин тахмин карда мешавад, ки қариб 3000 ТҶ алҳол ба қайд гирифта шудаанд. ТҶ қодиранд, ки дар қабули қарорҳои ҳукуматӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо ба ҷомеа таъсири назаррас расонанд.

Қонун дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки соли 2007 қабул гардида буду, мувофиқи он аз ҳамаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ талаб карда шуд, ки такроран аз қайд гузаранд, он худ як як ишора ба муҳити ҳуқуқии бештар маҳдуд буд. Ба наздикӣ, моҳи декабри соли 2018 парлумон тағйироту иловаҳоро ба қонун дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ қабул кард, ки талаботҳои навро нисбат ба ТҶ ҷорӣ намуд, аз он ҷумла дар хусуси ҳисоботдиҳии молиявӣ ва нигоҳдории зумраи васеи маълумот дар бораи фаъолият, роҳбарият ва аъзоёни худ дар давоми панҷ сол ва омодагӣ барои пешниҳоди он маълумот ба мақомотҳои давлатӣ. Дар варақаи матбуотие, ки дар натиҷаи давраи даҳуми муколама байни ИА ва Тоҷикистон доир ба ҳуқуқҳои инсон, ки моҳи октябри соли 2018 интишор гардид, “ташвиш доир ба фишоре, ки онҳо [ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳимоятгарони ҳуқуқҳои инсон] то ҳол дучор мешаванд, изҳор карда шуд”. ИА “Ҳукумати Тоҷикистонро ташвиқ намуд, ки ба дараҷаи ҷалби бештари ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёни таҳияи қонунҳо розӣ шавад”. Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ инчунин ташвишро доир ба фишор ва маҳдудиятҳо нисбат ба ТҶ изҳор намуд.[6]

Заминаи ҳуқуқӣ барои иттифоқҳои касаба ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ мавҷуд мебошад. Қобилияти иттифоқҳои касаба барои фаъолияти самаранок бо заифии ташкилотҳои онҳо дар ҷойҳои корӣ ва барҷастагии бахши ғайрирасмӣ дар иқтисодиёт маҳдуд карда мешавад.

*Васоити ахбори оммаи мустақил ва гуногунандеш, ки бе сензура фаъолият мекунад*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои фаъолияти васоити ахбори оммаи озод пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 30 изҳор карда шудааст, ки “Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад”. Дар он инчунин пешбинӣ карда шудааст, ки “Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст”. Лекин дар он инчунин изҳор карда шудааст, ки “Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст”. Дар солҳои охир ташкилотҳои байналхалқие, ки барои мониторинг ва пешбарии васоити ахбори озод масъул астанд, ташвиши худро доир ба маҳдудиятҳои афзоянда изҳор намуданд.

[6] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 51-2.

PUBLIC

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank
for Reconstruction and Development

Моҳи июни соли 2017 Гузоришгари махсуси СММ оид ба мусоидат ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии ақида ва баён ҳисоботеро интишор намуд, ки дар он ӯ як қатор тавсияҳоро пешниҳод кард, аз он ҷумла зарурати он ки чараёни бақайдгирии ташкилотҳои васоити ахбори омма мувофиқи стандартҳои байналхалқӣ бояд "пурра аз дахолати Ҳукумат ҷудо карда шуда бошад". Ӯ гуфт: "ҳолатҳои иддаокардашудаи озори рӯзноманигорон бояд аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ таҳқиқ карда шаванд ва ба таври қатъӣ маҳкум карда шаванд."[7] Дар варақаи матбуотие, ки дар натиҷаи давраи даҳуми муколама байни ИА ва Тоҷикистон доир ба ҳуқуқҳои инсон моҳи октябри соли 2018 интишор гардид, ИА "ба таври исроркорона аз Тоҷикистон хостор шуд, ки бастани сомонаҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоиро қатъ намояд... ва таъкид сохт, ки дастрасӣ ба маълумот ҷузъи муҳими давлати демкорӣ аст ва аз Ҳукумати Тоҷикистон даъват ба амал овард, ки ба дастрасии ҳамаи рӯзноманигорон мусоидат намояд". Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ як қатор ташвишҳоро дар робита ба маҳдудиятҳо оид ба озодии баён изҳор кард, аз он ҷумла: таъқиби ҷиноӣ барои таҳқир ва тӯҳмат нисбат ба Президент ва таҳқири дигар шахсони мансабдори давлатӣ; назорати давлат аз болои ВАО, ки ба худсензура ва озори рӯзноманигорони мустақил оварда мерасонад.[8]

*Роҳҳои гуногуни иштироки шаҳрвандӣ ва сиёсӣ*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 27 изҳор карда шудааст, ки "Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд". Дар моддаи 25 изҳор карда шудааст, ки "Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст."

Чӣ хеле ки дар боло ва поён зикр шудааст, бо вуҷуди он ки фазо барои иштироки шаҳрвандӣ ва ҷамъиятӣ маҳдуд гаштааст, ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз он ҷумла шумораи зиёди ТҶ ва ҳизбҳои сиёсӣ то ҳол як қатор имкониятҳоро барои шаҳрвандони тоҷик барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд.

*Озодии ташкили ҳизбҳои сиёсӣ ва мавҷудияти мухолифини муташаккил*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои шаҳрвандон дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ ва иштирок дар ҳизбҳои мухолифи муташаккил пешбинӣ менамояд. Дар моддаи 28 изҳор карда шудааст, ки "Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ... иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад." Дар идома зикр карда шудааст, ки "Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд". То оғози даврае, ки бо Баҳодиҳии сиёсии мазкур фаро гирифта шудааст, ки дар ин давра маҳдудиятҳои нав ҷорӣ карда шуданд, дар Тоҷикистон вазъи нисбатан гуногуншакли ҳизбию сиёсӣ мавҷуд буд.

[7] Report of the Special Rapporteur on the promotion and protection of the right to freedom of opinion and expression on his mission to Tajikistan, June 2017, paras 75-8
[8] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 47-8.

PUBLIC

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

Дар интихоботи парлумонии моҳи марти 2015 шаш ҳизбҳои сиёсӣ соҳиби ҷойҳо дар палатаи поёнии парлумон гаштанд ва Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президент Раҳмон роҳбарӣ карда мешавад, аз 63 соҳиби 51 ҷой гардид. Ҳизби мазкур аз соли 2000 то инҷониб дар ҳар як интихоботи парлумон ғолиб омада, соҳиби аксарияти ҷойҳо мегардад. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ), ки аз давраи анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ дар парлумон намояндагӣ дошт, натавонист, ки соҳиби намояндагӣ дар парлумон гардад. Моҳи сентябри соли 2015 Суди Олӣ Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро ташкилоти террористӣ эълон намуда, фаъолияти онро манъ кард. Қарори мазкур баъд аз задухӯрдҳои хушунатомез, ки байни қувваҳои ҳукуматӣ ва ҷанговарони содиқи собиқ муовини вазири мудофиа дар шаҳри Душанбе ба амал омад, қабул карда шуд. Қарори мазкур аз ҷониби бисёр кишварҳои ғарбӣ ва ташкилотҳо танқид карда шуд.[9] Баъдан аъзоёни пешбари ҲНИТ ба ҳабс гирифта шуда, ба мӯҳлатҳои дарози зиндонӣ маҳкум карда шуданд.[10] Раъйпурсии соли 2016 оид ба воридкунии тағйироту иловаҳо ба Сарқонун муқарраротҳоро доир ба манъи ҳизбҳои сиёсии дар заминаи дин асосёфта тасдиқ намуд.

Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ ташвишро дар хусуси манъи ҳизбҳои дар заминаи динӣ ва этникӣ асосёфта, ки бо тағйироту иловаҳои конститутсионии соли 2016 ҷорӣ карда шуд, изҳор намуд. Он инчунин ташвишро дар хусуси “озору таъқиби аъзоёни мухолифин бо сабабҳои сиёсӣ, ки гуногунандешии сиёсии воқеиро нақз мекунад,” изҳор намуд. Дар ин хусус он муносибат бо Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва ташкилоти Гурӯҳи 24-ро зикр намуд.[11]

### Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат

*Волоияти қонун*

Сарқонун аз аввал заминаи ҳуқуқиро барои волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 1 изҳор шудааст, ки Тоҷикистон “давлати ҳуқуқбунёд” мебошад ва дар моддаи 10 як қатор принсипҳои асосӣ барои таъмини волоияти қонун муайян карда шудаанд. Лекин Нишондиҳандаҳои Бонки ҷаҳонӣ оид ба идоракунӣ дар бораи бадшавии бемайлони волоияти қонун байни солҳои 2015-17 шаҳодат медиҳанд.[12] Дар паёми солона ба Парлумон моҳи декабри соли 2018 Президент Раҳмон аҳамияти “баландбардории маърифати ҳуқуқии аҳолиро ҳамчун омили асосии бунёди давлати ҳуқуқбунёду ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инчунин таъмини волоияти қонун” таъкид сохт. Ӯ ба мақомотҳои судӣ ва давлатии дахлдор супориш дод, ки барномаи нави ислоҳоти судию ҳуқуқиро барои солҳои 2019-21 омода созанд.

*Мустақилияти низоми судӣ*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои мустақилияти ҳокимияти судӣ пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 84 изҳор карда шудааст, ки “Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад”. Ин бо моддаи 87 тасдиқ карда шуда, дар он изҳор карда шудааст, ки “Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст”. Моддаи 91 тасдиқ мекунад, ки “Судяҳо ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд”. Ғайр аз ин, дар моддаи 84 изҳор карда шудааст, ки “Тартиби таъсис, ташкил ва фаъолияти судро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад”.

[9] Сухангӯи Хадамоти аврупоӣ оид ба корҳои беруна санаи 1 октябри соли 2015 изҳороте интишор намуд, ки дар он гуфта мешавад, ки ғайриқонуни эълон кардани ҲНИТ “маҳдудияти иловагиро ба озодии баёни сиёсӣ ва бисёрандешӣ дар кишвар” зам мекунад.
[10] Гузоришгари махсуси СММ оид ба ҳуқуқ ба озодии ақида ва баён ташвиши худро вобаста ба баровардани ҳукм нисбати пешвоёни ҲНИТ изҳор кард. Press Statement, June 2016.
[11] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, para 53 and 55.
[12] Холи Тоҷикистон оид ба волоияти қонун аз -1.06 то ба -1.35 ва протсентили он аз 13,14 то ба 8,17 поён рафт.

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1



Дар моддаи 84 замина барои ҳокимияти судӣ дар идоракунии масъалаҳои худ пешбинӣ карда шудааст. Бекоркунии Шӯрои адлия пас аз раъйдиҳӣ вобаста ба тағйироту иловаҳои конститутсионӣ дар соли 2016 ва интиқоли ваколатҳои он ба Суди Олӣ назорати Президентро аз болои таъинотҳо дар мақомотҳои судӣ заиф кард. Лекин ваколатҳои ӯ дар ин самт назаррас боқӣ мемонанд. Дар моддаи 69(8) зикр гардидааст, ки Президент номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд. Моддаи 86 пешбинӣ мекунад, ки судяҳои ҳамаи дигар судҳоро бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ Президент таъин ва озод мекунад.

Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ ташвиши худро дар хусуси мустақилияти ҳокимияти судӣ бино ба "нақш ва таъсири шохаҳои ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор; меъёрҳои интихоб, таъинкунӣ, азнавтаъинкунӣ ва озодкунии судяҳо ва набудани кафолати мӯҳлати хизмати судяҳо" изҳор намуд. Он як қатор ташвишҳоро дар хусуси гузоришҳо оид ба мурофиаҳои судии ноадолатнок ва дигар масъалаҳо изҳор кард.[13]

*Баробарии ҳукумат ва шаҳрвандон дар назди қонун*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои татбиқи баробари қонун нисбат ба ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз мақоми онҳо пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 10 изҳор карда шудааст, ки "Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд". Дар моддаи 19 изҳор карда шудааст, ки "Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд".

Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ тавсеаи доираи ваколатҳо ва вазифаҳои мониторингии Ваколатдорро оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен) дар солҳои 2014 ва 2016 пазироӣ намуда, ба мақомоти тоҷик тавсия дод, ки барои таъмини мувофиқати пурраи Омбудсмен ба стандартҳои байналхалқӣ (Принсипҳои Париж) кӯшишҳоиро пеш гирад. Он инчунин ташвиши худро доир ба коҳишёбии назарраси шумораи адвокатҳо пас аз воридкунии тағйирот ба қонунгузорӣ дар моҳи ноябри 2015 ва гузоришҳо оид ба озори ҳуқуқшиносоне, ки дар парвандаҳои сиёсии ҳассос иштирок мекунанд, изҳор намуд.[14]

*Чораҳои сиёсат ва сохторҳои самаранок барои пешгирии коррупсия*

Мақомоти тоҷик эътироф кардааст, ки коррупсия мушкилие аст ва қадамҳоро барои ҳалли он пеш гирифтааст. Сохтори асосии масъули мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (АНДММК) мебошад, ки соли 2008 таъсис дода шуда буд. Мақомоти Тоҷикистон Стратегияи зидди коррупсияро барои солҳои 2013-20 қабул кардааст. Дар паёми солонаи худ ба Парлумон моҳи декабри соли 2018 Президент Раҳмон аз АНДММК ва дигар сохторҳои давлатии дахлдор даъват ба амал овард, ки фаъолияти худро дар мубориза бо коррупсия пурзӯр кунанд ва қонуни навро оид ба мубориза бо коррупсия бо мақсади ивази қонуни соли 2005 омода намоянд.

[13] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 37-8.
[14] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 9-10 and 39-40. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баъд аз қабулшавии қонун дар соли 2009 таъсис дода шудааст.

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank
for Reconstruction and Development

Айни замон нишондиҳандаҳои Тоҷикистон оид ба мубориза бо коррупсия дар амалия ғайриқаноатбахш боқӣ мемонанд. Нишондиҳандаҳои Бонки ҷаҳонӣ оид ба идоракунӣ ба бадшавии бемайлони меъёри мубориза бо коррупсия дар давоми солҳои 2015-17 ишора мекунанд.[15] Холи кишвар дар Индекси ташкилоти Трансперанси Интернешнл оид ба дарки коррупсия аз давраи тасдиқи Стратегияи охирин оид ба ҳамкорӣ бо кишвар амалан тағйир наёфт ва дар соли 2018 25-ро ташкил дод.[16] Раддабандии он бештар тағйир ёфт, ки асосан аз сабаби тағйиротҳо дар нишондиҳандаҳои дигар кишварҳо мебошад. Тоҷикистон аз рӯи ин нишондиҳанда дар соли 2018 аз 180 кишвар дар ҷойи 152-ум қарор гирифт.

Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ қабулшавии тартибот барои таҳлили хатарҳои коррупсионӣ дар ташкилотҳо дар соли 2016, зиёдкунии ҷазо барои порагирӣ дар соли 2018 ва қабули Нақшаи амалро оид ба татбиқи тавсияҳо, ки аз ҷониби Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ТҲИР) дар чорчӯбаи Нақшаи амали Стамбул 2018-19 пешниҳод шуданд, пазирой намуда, вобаста ба "гузоришҳо оид ба паҳншавии васеъи коррупсия, аз он ҷумла талаби пора аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ" дар ташвиш мебошад. Кумита доир ба воридкунии тағйиротҳо ба қонунгузорӣ вобаста ба таъриф ва таъқиби ҷиноии (криминализатсияи) ҳамаи ҷузъҳои коррупсия ва таҳкими АНДМИК бо мақсади мустаҳкамкунии мустақилияти он ва фароҳам сохтани имконият барои тафтишоти парвандаҳои мураккаб ва сатҳи баланд тавсия дод.[17]

## Ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ

*Озодии сухан, маълумот, дин, виҷдон, ҳаракат, ҷамъомад ва моликияти хусусӣ*

Дар дебочаи Сарқонун ӯҳдадории расмӣ вобаста ба "озодӣ ва ҳуқуқи шахс, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳо, бунёди ҷомеаи адолатпарвар" пешбинӣ карда шудааст. Ду боби аввали Сарқонун як қатор кафолатҳоро оид ба ҳуқуқҳои асосии гражданӣ ва сиёсии шаҳрвандон дар бар мегирад, аз он ҷумла озодии сухан, дастрасӣ ба маълумот, озодии дин ва виҷдон, ҳаракати озод, ҳифзи қонунии моликияти шахсӣ ва норавоии меҳнати маҷбурӣ.

Тоҷикистон бо сохторҳои СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон ҳамкории дерина ва созанда дорад. Соли 2016 Давраи дуюми Тафсири давравии умумии (ТДУ) кишвар гузаронида шуд. Моҳи июни 2017 мақомоти тоҷик Нақшаи миллии амалро барои солҳои 2017-20 оид ба татбиқи тавсияҳои ТДУ қабул намуд. Тоҷикистон бо ИА муколамаи мунтазам ва дерина оид ба ҳуқуқҳои инсон дорад. Дар варақаи матбуотие, ки дар натиҷаи давраи даҳуми муколама аз моҳи октябри соли 2018 интишор гардид, пешравӣ дар як қатор самтҳои пазирой карда шуд, аммо "ташвиш дар хусуси маҳдудшавии умумии фазо барои ҳуқуқҳои инсон дар Тоҷикистон, маҳбускунии пайвастаи рақибони сиёсӣ, озори аъзоёни оилаҳои онҳо ва озори адвокатҳое, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд... изҳор карда шуд" Мақомоти тоҷик дар Вохӯрии солонии САҲА/ДИДҲИ оид ба татбиқи ченаки инсонӣ дар шаҳри Варшава иштирок намуд, лекин на дар ҳар як чунин вохӯриҳо.

[15] Холи Тоҷикистон оид ба мубориза бо коррупсия аз -1,13 то ба -1,33 ва протсентили он аз раддабандии 11,54 то ба 7,69 поён рафт.
[16] Холи Тоҷикистон дар соли 2015 26-ро ташкил дод, дар соли 2016 – 25 ва дар соли 2017 – 21.
[17] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 11-12.

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

European Bank
for Reconstruction and Development

*Фароигирии сиёсӣ барои занон, ақаллиятҳои этникӣ ва дигар ақаллиятҳо*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои фарогирӣ ва баробарӣ, аз он ҷумла дар самтҳои гендерӣ ва этникӣ пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 17 изҳор карда шудааст, ки "Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд". Заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии ташаккулёфта барои татбиқи ормонҳои мазкур мавҷуд мебошад. Дар паёми солонаи худ ба парлумон моҳи декабри соли 2018 Президент Раҳмон дастгоҳи иҷроияи худро вазифадор кард, ки "нақш ва мақоми занонро дар ҷомеа боз бештар бардоранд". Ӯ ба рақамҳое истинод кард, ки афзоиши назарраси шумораи занонро дар мақомотҳои давлатӣ нишон медиҳад ва шумораи онҳо дар мақомҳои роҳбарӣ 19 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2010 тоҷикон 84,3 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ӯзбекон (13,8%) аққалияти калонтаринро ташкил медиҳанд ва шумораи назарраси қирғизҳо ва русҳо мавҷуд мебошанд. Мувофиқи моддаи 2 ба забони русӣ «мақоми забони муошират байни миллатҳо» дода шудааст ва дар он изҳор карда шудааст, ки «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд». Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) дар робита бо хусусиятҳои таърихӣ ва этникии худ дорои мақоми маъмурии махсус мебошад. Моддаи 82 ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ медиҳад ва дар моддаи 83 зикр карда шудааст, ки «Салоҳияти ВМКБ дар соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ваколатҳои дигари вилоятро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад».

Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ муқарраротҳои конститутсионӣ ва дигар муқарраротҳои қонунгузориро вобаста ба фарогирии занон ва дигар аққалиятҳо пазирой намуд, лекин ташвиши худро дар хусуси набудани қонунгузории ҳамаҷониба зидди табъиз изҳор кард. Он чораҳои қаблулшуда оид ба пешбарии баробарии гендерӣ, аз он ҷумла Стратегияи миллӣ оид ба баландбардории нақши занон дар ҷомеа барои солҳои 2011-2020 ва Нақшаи амалро барои солҳои 2015-2020 пазирой намуд, лекин ташвиши худро доир ба намояндагии нокифояи давомёбандаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва истодагарии бисёрникоҳӣ изҳор кард. Ҳамин тавр Кумита чораҳои пешгирифташударо доир ба ҳалли масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон, ба монанди қабули Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ барои давраи солҳои 2014-2023 пазирой намуда, лекин ташвиши худро доир ба он изҳор кард, ки зӯроварӣ дар заминаи гендерӣ ва зӯроварии хонаводагӣ то ҳол васеъ паҳн аст ва дар бисёр ҳолатҳо он хабар дода намешавад.[18]

*Озодӣ аз озор, таҳдид ва шиканҷа*

Сарқонун заминаи ҳуқуқиро барои таъмини озодии шаҳрвандон аз озор, таҳдид ва шиканҷа пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 5 изҳор карда шудааст, ки "Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд". Дар моддаи 18 зикр карда шудааст, ки "Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад". Дар моддаҳои 22 ва 23 гуфта шудааст, ки манзил ва муошурати шаҳрвандон дахлнопазир астанд. Таъсисёбии Гурӯҳи кории муштарак дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2014 бо мақсади мониторинги шароит дар ҷойҳои маҳрумсозӣ аз озодӣ ва корҳои амалкардашуда оид ба таҳияи Стратегия оид ба ислоҳоти низоми ҷиноӣ ба таври васеъ пазирой карда шуданд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути Эътилофи зидди шиканҷа дар самти корбарӣ оид ба барҳамдиҳии шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бад фаъол аст.

[18] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 13-14, 17-18 and 19-20. Мулоҳизаҳои хотимавӣ оид ба ҳисоботи давравии шашуми Кумита оид ба барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон, ки моҳи ноябри соли 2018 интишор гардид, ташвишҳову тавсияҳои шабеҳ ва таҳлили чуқуртари масъалаҳоро дар бар гирифт.

PUBLIC

# Замимаи 1 – Баҳодиҳии сиёсӣ дар заминаи Моддаи 1

Моҳи июни соли 2018 Кумитаи СММ зидди шиканҷа ҳисоботеро интишор кард, ки дар он як қатор ташвишҳо вобаста ба вазъият дар Тоҷикистон оварда шудаанд, аз он ҷумла “иддаоҳо доир ба идомаиистифодаи мунтазами шиканҷа ва муносибати бад аз ҷониби шахсони мансабдори мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ” ва сатҳи хеле пасти таъқиби ҷиноии чунин ҳолатҳо. Тавсияҳои Кумитаи нуқтаҳои зеринро дар бар гирифтанд: хотима бахшидан ба фарҳанги беҷазоӣ барои шиканҷа ва муносибати бад, таъмини дастрасии беҳтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Гурӯҳи кории муштарак ба ҷойҳои боздошт ва маҳрумсозӣ аз озодӣ ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқии беҳтар барои боздоштшудагон. КБСС боздидҳои мунтазамро аз ҷойҳои боздошт ва маҳрумсози аз озодӣ дар Тоҷикистон амалӣ намекунад. Ошӯбҳо дар маҳбсаҳо дар охири соли 2018 ва баҳори 2019, ки дар он якчанд маҳбусон ба ҳалокат расиданд, боиси он гардид, ки масъалаи шароитҳои маҳбас дар рӯзномаи кории мақомоти давлатӣ боқӣ мемонад.

Дар ҳоле ки Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ чораҳои пешгирифташударо оид ба мубориза бо шиканҷа, аз он ҷумла тағйиротҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноӣ дар соли 2016 пазироӣ намуд, он ташвишро дар хусуси “гузоришҳо оид ба шиканҷа ва муносибати бад бо шахсони аз озодӣ маҳрумкардашуда, аз он ҷумла ҳимоятгарони ҳуқуқҳои инсон ва рақибони сиёсӣ изҳор намуд. Кумита инчунин ташвишро доир ба набудани механизмҳои мустақил барои тафтишоти иддаҳои шиканҷа изҳор намуд.[19] Моҳи июни соли 2019 Гурӯҳи кории СММ оид ба боздоштҳои худсарона қарор қабул намуда, боздошти Бузургмеҳр Ёров, ҳуқуқшиноси тоҷик оид ба ҳуқуқҳои инсон ва аъзои Ҳизби мухолифи сотсиал-демократии Тоҷикистонро ғайриқонунӣ эълон кард ва озоднамоии бетаъхир ва бечунучарои ӯро талаб кард.[20]

[19] Human Rights Committee. Concluding observations on the third periodic report of Tajikistan 22 August 2019, paras 31-2.
[20] Сохторҳои СММ қаблан барои озоднамоии дигар фаъолони ҳабскардашуда даъват ба амал оварда буданд. Моҳи майи соли 2018 Гурӯҳи кории СММ оид ба боздоштҳои худсарона мулоҳизаеро интишор намуда, боздошти муовини раиси ҲНИТ Маҳмадалӣ Ҳаит ва маҳбускунии ӯро аз моҳи сентябри соли 2016 чун вайронкунии ӯҳдадориҳои байналхалқии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои инсон донист ва ба озоднамоии бетаъхири ӯ даъват ба амал овард. Моҳи июли соли 2018 Кумитаи ҳуқуқҳои инсони СММ барои озоднамоии бетаъхири ходими мухолиф, Зайд Саидов исроркорона даъват ба амал овард.

PUBLIC